ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 351.763**

**МИРЗОДА ФИРӮЗ САФАРАЛӢ**

# ҲУҚУҚ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН (ТАҲЛИЛИ СОТСИОЛОГӢ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи
ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ
(илмҳои сотсиологӣ)

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст

**Мушовири илмӣ:** **Шоисматуллоев Шоназар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Хусанова Хайринисо Тайировна** – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессори кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек (ш. Тошканд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон);

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масъалаҳои назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҷононов Сайдамир** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Ҳимояи диссертатсия санаи «03» июли соли 2026, соати «13:00» дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ________________ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент ________________ **Насурова Б.А.**
**E-mail:** **sociology.ifppanrt.tj@gmail.com**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пас аз истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва шаҳрвандиро пеш гирифтааст. Эъмори ҷомеаи воқеан демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоию шаҳрвандӣ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, иқтисоди бозоргонӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоии эҳтиёҷмандон, сиёсати дарҳои боз ва азнавсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро талаб менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатисозии босуръати кишвар ҳадафҳои стратегии рушди кишвар таъкид шудаанд [2, с. 5]. Инчунин, таъмини идоракунии демократӣ дар мамлакат, волоияти қонун ва адолат, таҳкими фаъолияти ниҳодҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва вусъати имконоти инсон самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат дониста шудаанд.

Раванди демократишавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлоли давлатӣ дар шароити буҳрони амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, адами асосҳои таърихию сиёсии демократия оғоз ёфт. Дар натиҷаи гузариш аз сохтори тоталитарӣ ба демократӣ, аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозаргонӣ ҷомеаро буҳрони амиқи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ фаро гирифт. Қонунҳои давраи гузариш манфиату талаботи тағйирёфтаи шаҳрвандонро таҷассум намекарданд ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ таъҷилӣ танзим намешуданд. Давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон неруманд набуд, вазифаҳои иҷтимоии худро дар сатҳи зарурӣ ба сомон расонида наметавонист, «тамоми ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии давлатдории мо пурра фалаҷ гашта, низоми идораи давлатӣ барҳам хӯрда буд» [7, с. 10]. Аз ин сабаб, арзиши иҷтимоии ҳуқуқ поён рафт, ҷомеаро якбора зуҳуроти ғайриҳуқуқӣ фаро гирифтанд. Маҳз ба шарофати Ваҳдати миллӣ ва заҳматҳои шабонарӯзии ватандӯстони асили ватанамон оқибатҳои манфии давраи гузаришро бартараф, фазои ҳуқуқии мусоидро фароҳам оварда тавонистем. Дар низоми ҳуқуқии ҷомеа тағйироти куллӣ ба амал омада, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фарҳанг ва ҳувияти миллии халқи тоҷик мувофиқ қабул шуданд.

Ташаккули паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқ дар Тоҷикистон идома дорад, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқи талаботи нави ҷомеа тағйир меёбанд. Дар шароити имрӯза заминаи асосии бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёдро институти иҷтимоии ҳуқуқ ташкил медиҳад, ки нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ бартарӣ дорад. Фаъолияти шаҳрвандон ва ташкилоти давлатию ҷамъиятӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, институти ҳуқуқ ҳамчун воситаи асосии танзими муносибатҳои шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ва таъмини шароити ҷойивазкунии иҷтимоӣ амал мекунад.

Имрӯз дар роҳи амали самараноки институти ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он як зумра монеаҳо, мисли паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, таззоди мазмунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, нодурустию носаҳеҳии раванди муътадили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, интишори нигилизми ҳуқуқӣ ва синизми ҳуқуқӣ, афзоиши рафтори ғайриқонунӣ, аз қабили ҷинояткорӣ, майл ба гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, амалҳои коррупсионӣ ва ғайра. Ҳамаи ин барои бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ, инчунин, расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон халал мерасонанд.

Барои бартараф сохтани ин масъалҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон баланд бардоштани шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин рӯ, ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз

масъалаҳои меҳварии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2023 ба ҳисоб мерафт. Роҳбари давлат раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарварро ба дараҷаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таҳкими қонуният, фаъолияти шаффофи судҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқаманд донистаанд. Дар Паём зикр гардид, ки маҳз амалӣ гардидани меъёрҳои Конститутсия моро ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расонд, иқтисодиёти кишвар рушд ёфт ва барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам омад. Бо назардошти нақши калидӣ доштани ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» [4, с. 59] эълон гардид.

Мутаассифона, то кунун на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои пасошуравӣ низ ҳуқуқ ҳамчун як институти иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷтимоии он дар шароити ҷомеаи дигаргуншаванда мавриди таҳқиқи мустақили сотсиологӣ қарор нагирифтааст. Дар шароити бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки асоси ин ҷамъиятро институти ҳуқуқ ташкил медиҳад ва ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муҳимтарин вазифаҳои муайяну мушаххаси иҷтимоиро ба анҷом мерасонад, таҳқиқи илмӣ (бо равиши сотсиологӣ)-и мавзуи мазкур зарурати ногузири замони муосир буда, аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳуқуқ ҳамчун муҳимтарин институт ва падидаи иҷтимоии ҷомеа дар ҳама давру замон таваҷҷуҳи ҷомеашиносону равшанфикронро ба худ ҷалб намудааст. Таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар доираи назарияҳои мухталифи фалсафӣ, ҳуқуқӣ ва сотсиологӣ инъикос гардидаанд. Сарчашмаи қадимтарини афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик «Авесто» аст, ки андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии тоисломии аҷдодони тоҷикро инъикос менамояд [140]. Рушди минбаъдаи андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар таълимоти бузургтарин мутафаккирони Юнону Рими Қадим, мисли Афлотун [68], Арасту [15], Сисерон [97] ва дигарон ифода ёфтаанд.

Дар осори илмӣ-фалсафии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз қабили А. Сино [9; 10; 36], А. Форобӣ [13; 14], Ф. Розӣ [67] ва дигарон масъалаҳои иҷтимоию ҳуқуқии ҷомеа хеле амиқ баррасӣ гардидаанд. Онҳо дар бораи нобаробариҳои иҷтимоӣ, моҳият ва нақши иҷтимоии ҳуқуқ, алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ ва адолати иҷтимоӣ фикрҳои илман асосноки хешро баён доштаанд. Дар бораи ислоҳоти ҷомеа, вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи Аморати Бухоро ва инкишофи илму маориф таҳқиқоти маорифпарвар ва файласуфи тоҷик А. Дониш [31] қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ташаккули минбаъдаи назарияҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба таҳқиқоти илмии бузургтарин мутафаккирони Давраҳои Эҳё, Замони Нав ва намояндагони фалсафаи классикии Олмон – Н. Макиавелли [52], Т. Гоббс [25; 26], Ҷ. Локк [50; 51], Ш. Монтеске [58; 59; 60], Ж.Ж. Руссо [76], И. Кант [38; 39; 40; 41], Ф. Гегел [22] ва дигарон алоқамандӣ доранд. Онҳо дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, амали иҷтимоии ҳуқуқ, омилҳои ташаккули ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ, шартномаи ҷамъиятӣ, тақсимоти ҳокимият, таносуби ахлоқ ва ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, озодии виҷдон ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонидаанд.

Нақши сотсиологҳои классики аврупоӣ – О. Конт [45], Г. Спенсер [89; 90; 91], Э. Дюркгейм [32; 33; 34], М. Вебер [19; 20; 21], К. Маркс [53; 54; 55] ва дигарон дар таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ҳолати ҳуқуқ дар давраи гузариши ҷамъият ва ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа хеле бузург аст. Маҳз сотсиологҳои классики Аврупо аввалин шуда, ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, нақш ва таъиноти онро дар рушди устувори ҷомеа нишон додаанд. Минбаъд, дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ ва омӯзиши ҷанбаҳои

иҷтимоии ҳуқуқ ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия С.А. Муромсев [175], Б.А. Кистяковский [44; 114], Л.И. Петражиский [176; 177], П.А. Сорокин [80; 81; 82; 83; 84] ва дигарон саҳми шоён гузоштаанд.

Аз сотсиологҳои муосири хориҷӣ, ки ҳуқуқро дар доираи равишҳои функсионализми сохторӣ, таҳлили системавӣ ва назарияи низоъ омӯхта, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, амали самараноки ҳуқуқ, адолати ҳуқуқӣ, шароити татбиқи қонун, ҷаҳонишавии ҳуқуқ, азнавсозии ҳуқуқ, мушкилоти ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои сотсиологияи ҳуқуқро таҳқиқ намудаанд, Т. Парсонс [66], Р. Мертон [57; 123], Р. Дарендорф [29], П. Бурдё [172], К. Поппер [69], Э. Гидденс [23; 24], П. Штомпка [102], С. Хантингтон [95] ва дигаронро номбар намудан мумкин аст.

Омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар алоқамандӣ бо таҳқиқи масъалаҳои сотсиологӣ ба вуҷуд омадааст. Масъалаҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, ҳолати ҳуқуқ, буҳрони ҳуқуқӣ, иҷро ва амалӣ шудани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дар шароити тағйироти куллӣ ва давраи гузариши ҷомеа, зуҳуроти номатлуби ҳуқуқии давраи гузариши ҷомеа ва аномияи ҳуқуқӣ аз тарафи ҷомеашиносони собиқ шуравӣ ва россиягӣ, мисли Н.И. Алексеева [106], Д.Г. Герашенко [150], В.В. Горшенин [152], А.Н. Данилов [28], В.Н. Кудрявсев [47], В.А. Кузменков [115], Л.Е. Лаптева [117], Р.З. Лившис [118], В.В. Сорокин [167], С.Г. Харлова [139] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Бояд таъкид намоем, ки яке аз масъалаҳои марказии сотсиологияи ҳуқуқ азнавсозӣ ва ҳувияти ҳуқуқӣ мебошад, ки дар таҳқиқи ин масъалаҳо саҳми ҷомеашиносони хориҷӣ, махсусан, Россия Е.В. Астапова [148], А.В. Белинков [149], Ю.Ю. Ветютнев [174], В.В. Денисенко [110], В.Д. Зоркин [111], Н.В. Исаева [155], Ф.Г. Камкия [112], Л.В. Карнаушенко [113], Е.В. Резников [74; 129; 163; 178], О.Ю. Рибаков [130], Т.В. Шатковская [143], Э. Эриксон [103] ва дигарон хеле назаррас мебошад.

Дар раванди омӯзиши маводи диссертатсияи докторӣ маълум гардид, ки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, таснифи онҳо, масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ҳамбастагии амали самараноки ҳуқуқ ва синфи миёна, нақши ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро ҷомеашиносони хориҷӣ, махсусан, Россия А.И. Абрамов [147], С.С. Алексеев [11; 12], Н.Н. Гордеев [151], И. Карнер [43], А.А. Косих [46], В.В. Лапаева [49], С.И. Лошкарева-Имгрунт [156], В.С. Нерсесянс [64], Т.Н. Радко [73], Ҷ. Роуз [75], П. Сонеъ [79], М.В. Султанова [168], А.Г. Чернявский [142] ва дигарон мавриди таҳқиқи қарор додаанд ва корҳои илмии онҳо дар ин самтҳо арзиши баланди илмиро соҳиб ҳастанд.

Яке аз масъалаҳои марказии сотсиологияи ҳуқуқ нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Дар бораи мафҳум, моҳият, сабабҳои пайдоишу ташаккул, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, омилҳои пешгирӣ ва коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, махсусан, рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, иҷтимоишавии ҳуқуқӣ файласуфон, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон Р.Э. Арутюнян [107], Г.Д. Гритсенко [153], В.Н. Гуляихин [27], А.Н. Зрячкин [154], Н.И. Матузов [120; 121], Н.В. Никишова [126], И.Н. Сенин [165], М.Б. Смоленский [135], А.А. Соколова [166], Ю.А. Тихомиров [137], И.П. Усимова [169] ва дигарон таҳқиқоти арзишманди илмию сотсиологӣ ба анҷом расонидаанд.

Масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии файласуфон, сотсиологҳо, ҳуқуқшиносон ва иқтисодшиносони Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Махсусан, афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии мутафаккирони форсу тоҷик, марҳилаҳои таҳаввулоти ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазъи ҳуқуқии ҷомеа дар давраи гузариш ва тағйироти куллӣ, зуҳуроти гуногуни иҷтимоию ҳуқуқӣ (коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ, камбизоатӣ, бекорӣ ва ғайра) дар давраи гузариши

ҷомеа дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанӣ Г.С. Азизкулова [105], В.А. Баҳромбеков [16], И.Х. Бобоҷонзода [18], Э.Б. Буризода [108], С. Наврӯзов [61; 62], Э.С. Насриддинзода (Э.С. Насриддинов) [125], М.З. Раҳимов (М.З. Раҳимзода) [128], Х.Қ. Сафарализода [78; 164], Б.А. Сафаров [134], Р.Ш. Сотиволдиев [85; 86; 87; 88], Ф.Т. Тоҳиров [93; 136], А.Ғ. Холиқзода (А.Ғ. Холиқов) [96; 138; 141], Ш. Шоисматуллоев [101] ва дигарон таҷассум ёфтаанд.

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони тоҷик М.С. Абдуллоҳ [8], Э.С. Насриддинзода [63; 124], А.К. Пиров [162], М.З. Раҳимзода [127], А.Х. Самиев [131], Х.У. Усмонзода (Х.У. Идиев) [37; 94], А.Ғ. Холиқзода [96], П.Д. Шозимов [171], Ш. Шоисматуллоев [145], С. Ятимов [104] ва дигарон баъзе аз ҷанбаҳои раванди азнавсозии ҳуқуқӣ, таносуби анъана ва азнавсозӣ, зарурат ва шароити азнавсозии ҳуқуқӣ, ҳувияти иҷтимоӣ, моҳияти ҳувияти ҳуқуқӣ ва омилҳои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд.

Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, махсусан, вазифаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нақши ҳуқуқ дар ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ҳамбастагии синфи миёна ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, ҷанбаҳои ҳуқуқии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, масъалаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби файласуфон, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносони Тоҷикистон И.Х. Бобоҷонзода [71], А.М. Диноршоев [30], Г.Н. Зокиров [35], Ш.Т. Каримов [42], А.Ш. Қурбонов [48], Ғ.Ғ. Қаҳҳоров [17], А.Н. Муҳаммад (А.Н. Маҳмадов) [56], М.А. Маҳмудзода (М.А. Маҳмудов) [122], М.А. Назар [157], А.Ш. Одинаев [161], Д.Ш. Сангинзода (Д.Ш. Сангинов) [77], Р.Ш. Сотиволдиев [132; 133], М.Т. Таваллоев [92], Р.Ҷ. Ҳайдарзода (Р.Ҷ. Ҳайдаров) [170], Ш. Шоисматуллоев [99; 146] ва дигарон дар сатҳи муайян омӯхта шудаанд.

Масъалаҳои мафҳум, моҳият, сабабҳои пайдоиш, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин, рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар корҳои илмии З.Ш. Ғафуров [109], А.М. Мансурзода [119], П.С. Назарзода [158], Э.С. Насриддинзода [159], Л.М. Нусратов [65; 160], М.З. Раҳимзода [127], Р.Ш. Сотиволдиев [88], Ф.Т. Тоҳиров [93], Н.С. Шоев [98] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд.

Бояд изҳор намоем, ки масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, фаъолияти пурсамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии Тоҷикистон дар китобҳои илмӣ, Паёмҳои солона, суханрониҳо ва вохӯриҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос гардидаанд.

Бо арҷгузорӣ ба аҳаммияти бузурги илмӣ ва арзиши методологии таҳқиқоти номбаршуда, сарфи назар аз мавҷуд будани адабиёти илмии соҳавӣ мавзуи рисолаи докторӣ, яъне ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ бо равиши сотсиологӣ ва бо назардошти хусусиятҳою шароити хоси Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Ҳарчанд баъзе аз таҳқиқот ва корҳои илмии олимони соҳа ба ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи диссертатсияи докторӣ дахл кардаанд, аммо онҳо маҳдуд буда, моҳияти масъалаи таҳқиқшавандаро ҳамаҷониба инъикос накардаанд. Аз ин рӯ, бо равиши сотсиологӣ таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи институти иҷтимоии ҳуқуқ ва ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон торафт мубрамии хосаро касб менамояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Таҳлили сотсиологии омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеаи баъдишуравии Тоҷикистон» (барои солҳои 2021-2025) анҷом дода шудааст. Яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур ба масъалаи «Ҳуқуқ ҳамчун

институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушд ва устувории ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» бахшида шуда буд ва ҳамзамон бо ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – дар доираи равиши сотсиологӣ таҳқиқи хусусиятҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷроиши вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

– таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар устувории ҷомеаи муосир;
– тасвири ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа;
– муайян кардани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва таснифу тағйироти онҳо;
– таҳлилу баррасии нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон;
– ошкор сохтан ва шарҳи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд;
– таҳлили масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд;
– ошкор сохтан ва шарҳи ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон;
– муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ;
– шарҳ додани мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» ва ошкор сохтани сабабҳои пайдоишу паҳншавии он дар ҷомеа;
– муайян намудани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;
– таҳқиқи масъалаҳои рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ҳамчун омили пешгирӣ ва бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;
– омӯзиши раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;
– шарҳи моҳияти ҳувияти ҳуқуқӣ ва нишон додани нақши он дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти диссертатсия ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ баромад менамояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – хусусиятҳои ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Доираи таърихии таҳқиқот марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистонро фаро гирифта, таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2018-2024 дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба асарҳои аслии мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик ва аврупоӣ, таҳқиқоти сотсиологҳои классик, таҳқиқоти илмии ҷомеашиносони муосири ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи ҳуқуқ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, рисолати ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, нигилизми ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, асос ёфтааст. Дар омӯзиши мавзуи диссертатсияи докторӣ равишҳои сотсиологии функсионализми сохторӣ, низои иҷтимоӣ, позитивизм ва ғайра васеъ истифода гардиданд. Равишҳои мазкур имконият доданд, ки ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва зуҳуроти гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир ба таври фарогир ва амиқ таҳлил шаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ методҳои таърихӣ, диалектикӣ, таҳлили системавӣ, таҳлили муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумиилмӣ истифода шудаанд. Барои таҳлили сотсиологии мавзуи диссертатсионӣ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар он методҳои сотсиологии миқдорӣ ва сифатӣ, аз қабили пурсиши сотсиологӣ (анкетаи сотсиологӣ тариқи барномаи «Microsoft Forms» дар режими онлайн), мушоҳидаи сотсиологӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо ба таври васеъ истифода гардиданд. Маълумоти аз таҳқиқоти сотсиологӣ ҷамъоваришуда тавассути барномаи таҳлили омории SPSS коркард гардида, натиҷаҳои таҳқиқот таҳлил шуданд. Инчунин, ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ адабиёти илмии соҳавӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таърихӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи сомонаҳои интернетӣ (махсусан, омори расмӣ), шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ бо натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ҳосилшуда муайян ва ба таври зерин мушаххас шудаанд:

1. Аввалин маротиба ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ бо равиши сотсиологӣ ва таърихӣ дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии бузургтарин мутафаккирони Юнони Қадим, Рими Қадим, мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, мутафаккирони Давраи эҳё ва Замони нав, сотсиологҳои классикӣ ва замони муосир таҳқиқ гардид ва андешаҳои онҳо нисбат ба ҳуқуқ ботафсил мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифт. Муайян гардид, ки аксарияти мутафаккирону ҷомеашиносон ҳуқуқро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ эътироф намуда, тартибот ва рушди ҷомеаро ба амали самараноки он марбут медонанд;
2. Аввалин маротиба дар илми сотсиологияи ватанӣ бо равишҳои сотсиологӣ (функсионализми сохторӣ, низои иҷтимоӣ ва позитивизм) ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва институти иҷтимоӣ муфассал таҳқиқ гардид. Муайян шуд, ки ҳуқуқ яке аз муҳимтарин институти иҷтимоӣ буда, дар ҷамъият як зумра вазифаҳои муҳимму мушаххасеро ба анҷом мерасонад, инчунин, ҳуқуқ ба ҳаёту фаъолияти одамон алоқамандӣ дорад ва талаботу манфиатҳои иҷтимоии одамонро ифода менамояд;
3. Таҳқиқот муайян намуд, ки ҳуқуқ на иродаи синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии ҳукмрон ва шахсони алоҳидаи ҷомеа, балки иродаи халқро ифода менамояд, ба рушди шахсият, ҳифзи амният ва манфиатҳои шаҳрвандон, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти иҷтимоӣ ва рушду устувории ҷомеа нигаронида шудааст;
4. Муайян шуд, ки бо пешрафти ҷамъият, ҷаҳонишавӣ, шаҳришавӣ ва дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ нақши ҳуқуқ ҳамчун воситаи танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ меафзояд ва таъсири дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, мисли ахлоқ, дин, анъанаҳо ва ғайра коҳиш меёбанд. Дар чунин шароит ҳуқуқ ҳам муносибатҳои иҷтимоии уфуқӣ ва ҳам амудиро танзим намуда метавонад;
5. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки давраи гузариш ба иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад, падидаҳои номатлуби ҳуқуқӣ, мисли нигилизми ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайрокуниҳо ва каҷрафтории иҷтимоӣ меафзоянд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар давраи гузариш муносибатҳои нави пайдошударо саривақт танзим карда наметавонанд, қонунҳои бо шитобкорӣ қабулшуда зиддиятноканд ва низоми ҳуқуқӣ ниёз ба ислоҳот ва азнавсозӣ доранд. Барои шарҳу тавзеҳи хусусиятҳои ҳуқуқ дар давраи гузариши Тоҷикистон назарияҳои гуногуни сотсиологӣ, махсусан, назарияи классикии «аномия»-и сотсиологи франсавӣ Э. Дюркгейм истифода гардиданд;
6. Таҳқиқот муайян намуд, ки ҳуқуқ вазифаҳои назорати иҷтимоӣ, тарбиявӣ (иҷтимоишавии ҳуқуқӣ), ҳамгироӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ҷойивазкунии иҷтимоиро иҷро менамояд. Бори аввал ошкор шуд, ки вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ барои устуворӣ ва рушди ҷомеа аҳаммияти фавқулода муҳим дорад, зеро ҳуқуқ ба шаҳрвандон барои муайян ва дар амал татбтиқ намудани қобилияту истеъдод ва тавоноии худ мусоидат мекунад, инчунин, ба ташаккули сармояи инсонӣ оварда мерасонад. Шаҳрвандон ҳуқуқ ва озодиҳои худро амалӣ намуда, бо ин восита дар

низоми табақабандии иҷтимоӣ мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро тағйир дода метавонанд;

7. Дар заминаи таҳлилу баррасии назарияҳои илмӣ ошкор гардид, ки азнавсозии ҳуқуқӣ ва пайваст намудани низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ зарурати ҷомеаи муосир мебошад ва он бояд бо назардошти таҷрибаи ҳуқуқии ҷаҳонӣ, маданияту ҳувияти миллӣ ва талаботи иҷтимоии шаҳрвандон сурат гирад. Аввалин маротиба ҳамбастагии синфи миёна ва ҳуқуқ таҳқиқ шуд ва ошкор гардид, ки амали самараноки ҳуқуқ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва сатҳи қонунпазирии шаҳрвандон, риоя ва иҷрои талаботи қонунҳои амалкунанда, сатҳи рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба вазъи ташаккули синфи миёна вобастагӣ доранд. Муайян шуд, ки аксарияти намояндагони синфи миёна қонунпазиранд, ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои худро медонанд ва дарк мекунанд, ба тарбияи ҳуқуқии аъзоёни оилаи худ диққат медиҳанд ва аз ҳуқуқу озодиҳои худ самаранок истифода мебаранд;

8. Натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ намуданд, ки ҳуқуқ, волоияти қонун ва амали самараноки қонунҳо ба барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Маҳз ба шарофати ҳуқуқ шаҳрвандон ба субъектони созандаю эҷодкори ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбанд. Ҳуқуқ нахуст барои барқароршавии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳ мекушояд ва минбаъд дараҷаи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро таъмин карда метавонанд;

9. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки амали самараноки ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба як зумра шароиту омилҳо, мисли дараҷаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, сифати қонунҳои амалкунанда, сатҳи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, ташаббускорию фаъолӣ ва созандагии шаҳрвандон, вазъи сиёсии ҷомеа (ваҳдати миллӣ) ва ҳолати рушди синфи миёна вобастагии зиёд дорад. Таҳлилҳои илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон доданд, ки маҳз ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон ва бартарафсозии таҳдиду хатарҳои замони муосир барои амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат менамоянд;

10. Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ ва паёмаду таҳдидҳои нигилизми ҳуқуқӣ муайян шуданд. Аз ҷумла маълум гардид, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, ҳатто хизматчиёни давлатӣ, зиёиён ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мушоҳида мерасад. Маҳз сатҳи баланди нигилизми ҳуқуқӣ боис гардидааст, ки баъзе аз шаҳрвандон ба неруи ҳуқуқ, қонун ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимод надоранд, дар ҳолати поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои худ ба мақомоти дахлдор муроҷиат намекунанд, бо роҳҳои ғайриҳуқуқӣ масъалаҳои ҳаётии худро ҳал кардан мехоҳанд.

11. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар сатҳи кофӣ ташаккул наёфтаанд ва раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ низ қаноатмандкунанда нест. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Махсусан, пешниҳод гардид, ки барои таълими фанҳои ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо ҳуқуқшиносони касбӣ ҷалб шаванд;

12. Муайян шуд, дар шароити омехташавӣ ва буҳрони ҳувияти ҷомеаи муосир маҳз ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ҳамгироии ҳувиятҳои мухталиф (этникӣ, динӣ, шаҳрвандӣ, сиёсӣ, гендерӣ ва ғайра), омили бартарафсозии шиддати низоъҳои иҷтимоӣ-этникӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеа баромад карда метавонад. Дар асоси таҳлилу омӯзиши адабиёти илмию назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ барои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ва таҳияву татбиқи қонунҳои миллӣ хулосаҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд;

13. Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ барои иҷрои самаранок вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои ҳуқуқии ҷомеа тавсияҳо пешниҳод шуданд. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки барои эъмори ҷомеаи воқеан демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бояд муқовимат бо коррупсия боз ҳам тақвият дода шавад, шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин гардад, иқтисоди пинҳонӣ аз байн равад, барои ташаккули синфи миёна тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд ва аз ҳама муҳим, ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ҳуқуқ ҳамчун унсури сохтори иҷтимоии ҷомеа ва яке аз институтҳои асосии ҷамъият пас аз пайдоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ, моликияти хусусӣ ва давлат дар байни дигар меёрҳои иҷтимоӣ аз афзалияти хос бархӯрдор гардид. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз донишмандон, файласуфон ва намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ падидаҳои гуногуни ҳуқуқиро омӯхта, дар бораи онҳо назари хешро баён намудаанд. Намояндагони равишҳои гуногуни сотсиологӣ, мисли функсионализм, функсионализми сохторӣ, назарияи низоъ, позитивизм ва ғайра ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, ба соҳаи махсуси донишҳои сотсиологӣ – сотсиологияи ҳуқуқ асос гузоштанд. Классикони илми сотсиология – аз О. Конт сар карда, то П. Сорокин ҳуқуқро ба сифати яке аз пояҳои бинои ҷамъият, воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нигоҳдошти ҳамоҳангӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, механизми тавонои тағйирот, таҳаввулот ва рушди ҷомеа арзёбӣ кардаанд. Дар асоси таҳлили назарияҳои гуногуни сотсиологӣ ва назари донишмандони соҳавӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ институти иҷтимоист, ки тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ барои қонеъ гардидани талаботи моддӣ ва маънавии одамон мусоидат менамояд;

2. Ҷомеа доимо дар ҳолати тағйиру рушд аст, сохтори иҷтимоии ҷомеа ва унсурҳои он пайваста тағйир меёбанд ва ҳуқуқ низ ҳамчун унсури таркибии ин сохтор дигаргун мегардад. Махсусан, давраи гузариши ҷомеа, ки натиҷаи тағйироти куллӣ мебошад, фазои ҳуқуқии ҷамъиятро комилан дигаргун месозад. Танҳо дар асри XX халқи тоҷик ду марҳилаи гузариш: аз Аморати Бухоро ба Тоҷикистони Шуравӣ ва аз он ба Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз сар гузаронидааст, ки ҳар яке аз онҳо дар шуур, маданият ва ҳувияти ҳуқуқии аҳолӣ таъсири назаррас расонидаанд. Дар охирин марҳилаи гузариш, яъне пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС Тоҷикистон Истиқлоли давлатиро ба даст овард, аммо ҷомеаро ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳрони шаддиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, умуман, ба истилоҳи сотсиологӣ «аномияи ҳуқуқӣ» фаро гирифт. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии аввали давраи гузариш тамоми муносибатҳои нави иҷтимоиро танзим карда наметавонистанд, давлат низ ҳанӯз неруманд набуд, баъдан, шаҳрвандон иҷтимоишавии ҳуқуқии даврони аввали соҳибистиқлолиро муътадил нагузашта буданд. Аз ин сабаб, дар ҷомеа якбора сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар намудҳои каҷрафтории иҷтимоӣ боло рафт. Ба шарофати Ваҳдати миллӣ мо тамоми пайомадҳои номатлуби давраи гузаришро бартараф намудем ва имрӯз ҳуқуқ ҳамчун неруи муқтадири дигаргуниҳои созандаи Тоҷикистон амал менамояд;

3. Дар равишҳои сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, ки нақш, таъинот ва самти таъсири ҳуқуқро ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ифода менамояд. Моҳият ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ дар сатҳи иҷро ва татбиқу амалӣ гардидани вазифаҳои иҷтимоии он ҳувайдо мегардад. Дар сатҳи зарурӣ иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои амали пурсамари дигар институтҳои иҷтимоӣ (оила, маориф, иқтисодиёт, сиёсат, ВАО ва ғайра), ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ва умуман, рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили нуқтаи назари донишмандони соҳа оид ба таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ дар ҷамъият вазифаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ,

ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, муттаҳиднамоӣ, идоракунӣ ва ғайраро иҷро менамояд. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ танзими муносибатҳои иҷтимоист. Меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба дигар меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ ва ғайра) ҳам муносибатҳои уфуқӣ ва ҳам амудии ҷамъиятиро танзим намуда, ба дастгирии давлатӣ таъминанд;

4. Ҷойивазкунии иҷтимоӣ зуҳуроти муҳимми ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявист, ки ба табақабандии кушода, ҷомеаи кушода ва амали иҷтимоии ҳуқуқ ҳамбастагӣ дорад. Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки омили асосии пешрафти давлатҳои мутараққии ғарбӣ ба ҳамаи намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас гардидани восита ва роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ мебошад, ки бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд алоқамандӣ доранд. Маҳз ҳуқуқ ба ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз ҷинс, эътиқод, миллат, вазъи иқтисодӣ, мақоми иҷтимоӣ ва ғайра имконият медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳояшонро истифода бурда, қобилият ва истеъдоди хешро амалӣ гардонанд ва дар низоми табақабандии иҷтимоӣ мавқеашонро тағйир диҳанд.

5. Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии давлатҳои мутараққии ҷаҳонӣ дар қонунҳои миллӣ мебошад. Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти иҷтимоии Тоҷикистон дигаргуниҳои ҷиддӣ босуръат идома доранд, бо пешрафти илму техника ва технологияи иртиботӣ муносибатҳои сифатан нави иҷтимоӣ ба миён омада, танзими ҳуқуқии саривақтиро талаб мекунанд. Масъалаҳои нави ҳуқуқиро, ки ба рушди ҷомеаи Тоҷикистон ва раванди ҷаҳонишавӣ алоқаманданд, тавассути азнавсозии ҳуқуқӣ ҳалли намудан мумкин аст. Азнавсозии ҳуқуқ тағйироти тадриҷию сифатии ҳуқуқ бо назардошти таҷрибаи муфиди ватанию умумиҷаҳонӣ ва талаботи рӯзафзуни шаҳрвандон аст. Агар азнавсозии ҳуқуқ самаранок анҷом пазирад, манфиату талаботи нави иҷтимоии шаҳрвандон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум мёбанд, мухолифати мазмунии меъёрҳои ҳуқуқӣ бартараф гардида, ҳуқуқ ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ пайваст, низоми мукаммалу пешрафтаи ҳуқуқи миллӣ ташаккул ёфта, барои азнавсозии дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ имконияту шароити мусоид фароҳам меояд. Ҳангоми азнавсозии ҳуқуқ бояд манфиатҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ ва ҳувияти ҳуқуқӣ аз мадди назар дур намонанд.

6. Байни ҳуқуқ ва синфи миёна ҳамбастагии мутақобила вуҷуд дорад, зеро бо шарофати татбиқи самараноки ҳуқуқ намояндагони синфи миёна дар Тоҷикистон, ки аксарият қонунпазиранд, шуур ва маданияти ташаккулёфта доранд, ботадриҷ зиёд мегарданд, ба иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташаккули синфи миёна мусоидат менамояд. Шаҳрвандон дар натиҷаи амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои хеш ба муваффақиятҳои шахсию касбӣ ноил мегарданд ва тавассути ҷойивазкунии амудии болораванда дар низоми табақабандии иҷтимоӣ вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоии худро тағйир дода метавонанд. Баъдан, аксарияти кулли намояндагони синфи миёна талаботи қонунҳоро пурра риоя ва иҷро менамоянд, дар асоси қонун фаъолияташонро ба роҳ мемонанд, барои онҳо рафтори қонунӣ арзиши ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Ин сифатҳои иҷтимоии намояндагони синфи иҷтимоӣ барои ҳукумронии ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеа мусоидат менамоянд. Ҳуқуқ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва синфи миёна занҷираест, ки ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ оварда мерасонад. Ҳуқуқ субъектҳои фаъолу ташаббускори ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд меорад, тавассути ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар идораи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ дар шарикӣ бо давлат фаъолона иштирок ва дар рушди устувори ҷамъият нақши назаррас мегузоранд;

7. Зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқие, ки торафт дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, паҳн мегардад ва ба амнияти миллӣ таҳдид менамояд, нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Нигилизми ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқӣ, нишондиҳандаи муносибати шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, дар

коҳиши арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори қонунҳои амалкунанда ва эътимод надоштан ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳувайдо мегардад. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки пайдоиш ва интишори нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, пурра риоя нашудани талаботи қонун аз ҷониби намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мансабдорони давлатӣ, коррупсия, истифодаи ҳуқуқ ҳамчун воситаи зӯроварӣ, таҷассум наёфтани манфиату талаботи иҷтимоӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дуруст ба роҳ монда нашудани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ (паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ) ҳамбастагӣ дорад. Нигилизми ҳуқуқӣ боиси хароб гардидани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, баста шудани роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифодаи механизмҳои ғайриҳуқуқӣ ва афзудани каҷрафтории иҷтимоӣ мегардад. Бартарафсозӣ ва коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба раванди амалӣ ва татбиқи низоми тадбирҳо ва чорабиниҳои давлатие вобастагӣ дорад, ки ба решакан кардани сабабҳои ин зуҳуроти иҷтимоӣ равона шудаанд;

8. Татбиқи ҳуқуқ дар ҷомеа ба рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин, самаранок ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии аҳолӣ алоқамандӣ дорад. Аксарияти шаҳрвандоне, ки шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ доранд, неруманд ва фаъолу ташаббускоранд, ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ ва ҳифз мекунанд, ӯҳдадориҳои хешро содиқона иҷро менамоянд, дар рушди устувори ҷомеа саҳми назаррас мегузоранд. Сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ба раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Маҳз дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ одамон донишҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиро меомӯзанд, рафтору фаъолияти ҳуқуқӣ содир менамоянд ва ҳувияти ҳуқуқиашон ташаккул меёбад. Ҳувияти ҳуқуқӣ, ки ба одатҳои ҳуқуқии миллӣ, шуури таърихӣ ва фарҳанги миллӣ такя намуда, мансубияти шахсро ба умумияти муайяни иҷтимоӣ ифода менамояд, мушкилиҳои бӯҳрони ҳувият, ҳамгироии байни ҳувияти иҷтимоӣ, низоъҳои нақшӣ ва мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистонро бартараф карда метавонад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро барои таҳқиқи минбаъдаи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, татбиқи самараноки вазифаҳои иҷтимоии он, бартарафсозии масъалаҳои ҳуқуқӣ, махсусан, нигилизми ҳуқуқӣ ва умуман, татбиқи самараноки сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон васеъ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ ва тавсияҳои диссертатсияи докторӣ барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қонунбарор, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҷолиб буда метавонанд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро мутахассисони соҳаи сотсиология ва дигар ҷомеашиносон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ) ва омӯзгории худ, махсусан, дар таълими фанҳои сотсиология, сотсиологияи ҳуқуқ, сотсиологияи шахс, сотсиологияи каҷрафторӣ ва дигар фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз мувофиқати методология ва методҳои илмии интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, репрезентивӣ (намояндагӣ) будани интихобнома ва мониторинги натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, коркарду таҳлил ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, маърӯза ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҳувайдо мегардад. Диссертатсия дар асоси омӯзишу баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи илмӣ, адабиёти илмии соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маводи оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, суханрониҳо ва Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардидааст. Дар раванди гузаронидани пурсишҳои

сотсиологӣ қоидаҳои ҳатмии методологӣ, методӣ ва техникии гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ҷиддӣ риоя шудаанд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин мекунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи илмӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил карда, ба таҳияи мақола ва маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия буда, корҳои илмии нашршуда ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ салоҳияти ӯро доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсия тасдиқ мекунанд. Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия, маводи таҳқиқоти сотсиологӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд.

Муҳаққиқ шахсан дар таҳқиқоти сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм» (соли 2018), «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021), «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) ва «Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» (2023), «Масъалаҳои экстремизм дар Тоҷикистон: сабабҳо, хатарҳо ва роҳҳои пешгирӣ» (2024) ва «Механизмҳои асосии ташаккули ҳувияти аҳолӣ дар Тоҷикистон» (2025) ширкат варзида, натиҷаҳои бадастомадаро коркард ва таҳлил намуда, дар навиштани диссертатсияи доктории худ бомаврид ва самаранок истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи докторӣ дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, натиҷаҳои он дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар монографияи нашршуда, мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос гардидаанд, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявӣ «Нақши маориф дар мубориза бар зидди экстремизми сиёсӣ ва терроризм» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022) дар мавзуи «Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муқовимат бар зидди паҳншавии идеологияи экстремистӣ ва террористӣ (дар асоси маводи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ)»; конференсияи байналмилалӣ «Раванди ташаккули институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 ноябри соли 2022) дар мавзуи «Сиёсати иҷтимоӣ ва масъалаи татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва рушди неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 апрели соли 2022) дар мавзуи «Омилҳои ҳуқуқии рушди неруи инсонӣ дар Тоҷикистон»; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Сармояи инсонӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2023) дар мавзуи «Рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Институти оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нақши он дар рушди сармояи инсонӣ» (Тоҷикистон, ш.

Душанбе, 17 майии соли 2024) дар мавзуи «Масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ «Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди ҷомеаи пасошуравии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29-уми апрели соли 2025) дар мавзуи «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди ҳувияти ҳуқуқии шахс»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Механизмҳои иҷтимоии ташаккули ҳувияти аҳолӣ ва рушди сармояи иҷтимоӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2025) дар мавзуи «Омилҳои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон» ва ғайра. Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ ҳангоми таълими фанни «Сотсиологияи ҳуқуқ» истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 2 монография ва 45 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Аз ҷумла 25 мақолаи илмии муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ки мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, чордаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 1 ҷадвал, 33 расм, 379 саҳифа, 382 номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашударо дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосир»** аз се зербоб иборат мебошад. Боби мазкур таҳлили ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ, хусусиятҳои таҳаввули таърихии тасаввуротҳо ва назарияҳо марбут ба ин зуҳуроти иҷтимоӣ, назарияҳо ва равишҳои сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқ, вазъ ва фазои ҳуқуқии ҷомеа дар марҳилаи гузаришро дар бар мегирад.

Дар зербоби якуми боби аввал – **«Таҳлили масъалаҳои назариявӣ-методологии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ»** – масъалаҳои таҳаввули таърихии тасаввуротҳо ва равишу назарияҳои сотсиологӣ оид ба ҳуқуқ ҳамчун институт ва падидаи иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон равишҳои гуногуни сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқ, мисли функсионализми сохторӣ, позитивизм, постмодернизм, глобализм ва ғайра роҳ меёбанд, ки дар доираи онҳо вазъи фазои ҳуқуқии ҷомеа, таъсири ҳуқуқ ба сохтори иҷтимоии ҷамъият ва омилҳои рушди ҳуқуқ бо назардошти талаботи нави иҷтимоӣ шарҳ дода мешаванд.

Ҳуқуқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи аҳли илму донишро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз дар аввалин маҷмуаи қонунҳои шоҳи Бобулистон Ҳаммурапӣ вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, мисли барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, муҳофизати молу мулк ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷассум ёфтаанд.

Афкори иҷтимоӣ-ҳуқуқии халқи тоҷику форс аз замонҳои хеле қадим маншаъ мегирад ва бузургтарин сарчашмаи хаттии таърихии андешаҳои иҷтимоӣ, динӣ ва ҳуқуқии мардуми ориённажод дини Зардуштия ва китоби он «Авесто» мебошад. Зардуштия як низоми мукаммали ҳуқуқӣ будааст, ки дар ташаккул ва рушди давлатдории тоҷикон таъсири назаррас расонидааст ва таҷрибаи дуҳазорсолаи рушди давлат ва ҳуқуқи халқҳои ориёнажодро ҳифз кардааст. Намунаи низоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқэҷодкунии ниёгонамонро дар санади ҳуқуқии Эъломияи Куруши Кабир, навиштаҳои «Катибаи Бесутун» (Дорои I) ва «Қонунномаи Сосониён» мушоҳида намудан мумкин аст.

Рушди низоми ҳуқуқии ҷаҳон ба таълимоти ҳуқуқии мутафаккирон Рими Қадим робитаи ногусастанӣ дорад. Римиҳои қадим ҳуқуқро санъати ҳақиқат ва адолат номида буданд, ҳуқуқи римӣ, махсусан, таълимоти ҳуқуқии М.А. Сисерон ва қонунҳои подшоҳони Рим, ба мисли маҷмуи қонунҳои дувоздаҳ ҷадвал ва ё қонунҳои Солон сарчашма ва намунаи низомҳои ҳуқуқии давлатҳои минбаъда будааст.

Минбаъд, таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар осори илмии файласуфони Юнони Қадим: Афлотун ва Арасту ташаккул меёбад, ки онҳо ҳуқуқро яке аз падидаҳои муҳимми иҷтимоӣ баррасӣ намудаанд. Масалан, Афлотун дар китобаш «Қонунҳо» таъкид кардааст, ки қонунҳо бояд ба манфиати умум қабул шаванд, адолати иҷтимоиро таҷассум намоянд, ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа якхела таъсир расонанд, тарбияи инсонро танзим кунанд ва моҳияти қонунҳо ба шаҳрвандон фаҳмонида шавад. Ин гуфтаҳои арзишманд ба Афлотун тааллуқ дорад: «Ман марги наздики он давлатеро мебинам, ки қонун қуввае надорад ва дар зери ҳокимияти ягон кас аст. Дар он ҷое, ки қонун ҳоким бар ҳокимон аст ва ҳокимон ғуломи қонун ҳастанд, ман наҷоти давлат ва тамоми неъматҳоеро мебинам» [68, с. 317-318]. Арасту бошад, ҳуқуқро воситаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи моликияти хусусӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими табақаи миёна, пешгирии зӯроварӣ ва омили рушди давлат номидааст.

Дар бораи моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ ва нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик А. Сино, А. Форобӣ, Ф. Розӣ ва дигарон осори арзишманде ба мерос гузоштаанд. Донишманди форсу тоҷик А. Сино аҳаммияти қонунҳои дунявӣ, зарурати нобаробарӣ ва адолати иҷтимоиро нишон дода, ҳатто назарияи тақсимоти ҳокимия ба миён гузоштааст. Дар «мадинаи фозила»-и А. Форобӣ ҳуқуқ ва қонун омили пешгирии каҷрафторӣ ва рафторҳои ҷоҳилона, ченаки адолати иҷтимоӣ ва ахлоқи инсон арзёбӣ гардидаанд. Ф. Розӣ бошад, ҳанӯз дар асрҳои миёна амалҳои ғайриқонунӣ ва ришвагирии шахсони мансабдор ва қозиёни замони маҳкум намудааст.

Рушди назарияҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба корҳои илмии бузургтарин мутафаккирони Давраҳои Эҳё ва Нав – Н. Макиавелли, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ш. Монтеске, Ж.Ж. Руссо ва дигарон ҳамбастагӣ доранд. Н. Макиавелли бо назардошти манфиати давлат таъкид кардааст, ки вақте зарурати ҳифзу наҷоти Ватан ба миён меояд, шаҳрвандон бояд ақидаҳои худро дар бораи адолату ноадолатӣ, зулму инсоф як тараф гузошта шуда, ҳама барои наҷот ва озодии Ватан муттаҳид шаванд.

Т. Гоббс ҳуқукро ҳудуди амалу рафтор уҳдадориҳои одамон номидааст. Ӯ, яке аз асосгузорони назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ» мебошад, давлатро ба мори боҳайбати тавоно, даҳшатнок ва бераҳми баҳрии инҷилӣ бо номи «Левиафан» монанд кардаст, ки барои ҳифзи шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳуқуқи аз зӯроварӣ истифода бурданро дорад. Ҷ. Локк низ назарияи «шартномаи ҷамъиятӣ»-ро асоси ҳуқуқии мавҷудияти давлат номида, қонунҳоро воситаи маҳдудгардонии хоҳишҳои номатлуби одамон, озодӣ ва роҳнамои зиндагӣ, воситаи муҳимми пешгирии зӯроварӣ, зулм ва поймол шудани ҳуқуқу озодиҳо номидааст: «дар ҷое, ки қонун тамом мешавад, зулм оғоз мешавад» [50, с. 379].

Ш.Л. Монтеске дар асари машҳураш «Оид ба рӯҳи қонунҳо» ғояи тақсимоти ҳокимиятро пешниҳод намуда, таъкид кардааст, ки бояд қонунҳо ба руҳи халқ (ахлоқ, урфу одат, анъанаҳо, дин, муҳити ҷуғрофӣ) мувофиқат намоянд. Маорифпарварӣ франсавӣ Ж.Ж. Руссо қонунро ифодаи иродаи халқ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва пешгирии фишору зӯроварӣ номидааст. Ба андешаи мутафаккир, «одамон, ки аз ҷиҳати неруи ақл нобаробаранд, бо шартнома ва қонун баробар мешаванд» [76, с. 19].

Назарияҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии аврупоӣ минбаъд дар таълимоти намояндагони фалсафаи классикии Олмон, махсусан, дар осори илмии И. Кант ва Ф. Гегел таҳаввул ёфтаанд. Дар таълимоти фалсафии И. Кант ахлоқ заминаи асосноки пайдоиши ҳуқуқ

ҳисобида шуда, қонунр ва волоияти он муҳимтарин арзиши давлати ҳуқуқбунёд арзёбӣ гардидааст. Ф. Гегел бошад, дар асари машҳураш «Фалсафаи ҳуқуқ» ҳуқуқро зоҳиршавии объективии руҳи озод, имконияти иҷрои коре ё худдорӣ аз амале номидаст, ки озодии воқеии инсонро таъмин менамояд.

Дар таълимоти К. Маркс ҳуқуқ таҷассум ёфтани иродаи синфи ҳукумрон дар қонунҳо, фаҳмида шудааст, ки нобаробарии иҷтимоиро мустаҳкам менамояд. Пайравони марксизм, аз ҷумла В.И. Ленин ҳуқуқ маҷмуи санадҳои меъёрие арзёбӣ гардидааст, ки ирода ва манфиатҳои синфи ҳукумрони ҷомеаро ифода намуда, зӯроварии давлатиро таъмин менамояд.

Бо назардошти таҳлили таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии мутафаккирони давраҳои мухталифи таърихӣ ва равишу назарияҳои сотсиологӣ ҳуқуқро чунин таъриф додан мумкин аст: ҳуқуқ институти иҷтимоиест, ки тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ раванди қонеъи талаботи иҷтимоии одамонро танзим намуда, ҳуқуқу озодиҳои онҳоро ҳифз менамояд. Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ низоми томи меъёрҳои махсусест, ки аз тарафи давлат муқаррар, тасдиқ ва ҳифз мешавад, инчунин қувваи махсуси давлатии таъсиррасонию маҷбурнамоӣ дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Мақсади ниҳоии ҳуқуқ баланд бардоштани арзишмандии инсон, таъмини ҳамзистии осоиштаи аҳолӣ ва тартиботи ҷамъиятист.

Зербоби дуюми боби якум – **«Таҳқиқи назариявии масъалаҳои ҳуқуқӣ дар сотсиологияи классикӣ ва равишҳои муосири сотсиологӣ»** ном дорад, ки ба таҳқиқи назарияҳои сотсиологҳои классик дар бораи ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва равишҳои муосири сотсиологии омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Аввалин сотсиологҳои классик, мисли О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, М. Вебер ва дигарон дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми назаррас гузоштаанд.

Аз назари О. Конт то фаро расидани марҳилаи рушди позитивии ҷомеа ҳуқуқ ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа, воситаи нигоҳдошти ҳамоҳангӣ ва рушди иҷтимоӣ муҳим аст, аммо дар марҳилаи рушди позитивии ҷомеа ҷойи онро уҳдадориҳо мегиранд. Сотсиологи англис Г. Спенсер ҳуқуқро ҳамчун унсури муҳимму таркибии сохтори иҷтимоӣ, механизми мутобиқшавии ҷомеа ба тағйирот ва неруи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоти ҷомеа таҳқиқ кардааст. Яке аз нуктаҳои муҳимми таълимоти Г. Спенсер маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқист, ба андешаи ӯ, дар ҷомеа қонунҳои зиёде қабул мешаванд, аммо онҳоро шаҳрвандон аз худ карда наметавонанд: «… ҳар як англис вазифадор аст, ки 20 000 моддаи қонунро бидонад ва ҳеҷ як англис намедонад» [89, с. 1153]. Аз назари сотсиолог рисолати қонунҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва таъмини шароити мусоид барои фаъолияти одамон мебошад. Мутафаккир озодии виҷдонро яке аз ҳуқуқҳои муҳимми аҳолӣ шуморида, маҳдуд намудани онро дар ҳолати таҳдид ба қудрати дифоии ҷомеа раво донистааст.

Дигар намояндаи сотсиологияи классикӣ, сотсиологи франсавӣ Э. Дюркгейм ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва яке аз намудҳои меъёри иҷтимоӣ таҳқиқ карда, ба амали ҳуқуқ дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ба масъалаи марказии сотсиология табдил додааст. Барои Э. Дюркгейм қонун ифодаи виҷдони коллективии ҷомеа мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим дароварда, тартиботи иҷтимоиро нигоҳ медорад.

Мафҳуми «сотсиологияи ҳуқуқ»-ро аввалин маротиба сотсиологи олмонӣ М. Вебер истифода бурдааст. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқ тартиботи иҷтимоиро барқарор ва муҳофизат менамояд, одамон тавассути ҳуқуқ натиҷаҳои амалнамоӣ ва имконияти расидан ба мақсадҳои дарпешгузоштаро пешбинӣ менамоянд. Аз назари мутафаккир, ҳуқуқ унсури сохтори иҷтимоии ҷомеа буда, идораи бюрократии ҷомеа, ҳифзи моликияти хусусӣ ва озодии соҳибкорӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд.

Барои рушди сотсиологияи ҳуқуқ ва омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия саҳми шоён гузоштаанд. Дар зери таъсири назарияҳои сотсиологҳои олмонӣ, франсавӣ ва англис

дар Россия мактаби сотсиологии ҳуқуқ ташаккул ёфт, ки намояндагони пешбари он С.А. Муромсев, Б.А. Кистяковский, Л.И. Петражиский, П.А. Сорокин ва дигарон буданд.

Сотсиолог ва ҳуқуқшиноси рус С.А. Муромсев дар байни донишмандони рус яке аз аввалинҳо шуда, табиати иҷтимоии ҳуқуқро омӯхта, равиши сотсиологии таҳқиқи ҳуқуқро пешниҳод кардааст. Ба ақидаи мутафаккир, асоси ҳуқуқро манфиатҳои афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташкил мекунанд ва меъёрҳои ҳуқуқие, аз ҷониби шаҳрвандон эътироф намегарданд, дар сатҳи зарурӣ татбиқи иҷтимоии худро намеёбанд. Сотсиолог ва ҳуқуқшиноси дигари рус Б.А. Кистяковский пешниҳод кардааст, ки ҳуқуқшиносон бояд қонунро дар алоқамандӣ ба ҳаёти муосир омӯзанд ва дар ин замина фаъолияти соҳавии худро пеш баранд, зеро ҳуқуқ табиати иҷтимоӣ дорад ва ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамаи зуҳуроти ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

П. Сорокин бошад, ҳуқуқро ҳамчун неруи тавонои тағйироти иҷтимоӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва воситаи муҳимми танзими равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Сотсиолог назарияҳои гуногуни пайдоиши ҳуқуқ (назарияҳои илоҳӣ, қоидаи ҳатмии рафтор, маҷмуи қонунҳо, иродаи умум ва ғайра)-ро аз назари интиқодӣ таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ҳуқуқ «мисли неруи барқест, ки ҳарчанд намоён ҳам набошад, аммо одамонро ба ҳаракат медарорад» [80, с. 43]. Ба андешаи мутафаккир, муҳити носолими ҳуқуқӣ барои баъзе аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ муҳити мусоиди рушд аст.

Дар сотсиологияи ҳуқуқ равишҳои гуногуни омӯзиши ҳуқуқ ба вуҷуд омадаанд, ки дар байни онҳо равиши функсионализми сохторӣ ва низоӣ васеъ густариш ёфтаанд. Намояндагони равиши функсионализми сохторӣ ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ бо назардошти вазифаҳои иҷтимоияш таҳқиқ намудаанд. Дар таълимоти сотсиологии яке аз намояндагони машҳури ин равия – Т. Парсонс ҳуқуқ ҳамчун воситаи неруманди танзими рафтори иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, нигоҳдошти тартиботи иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба муҳити иҷтимоӣ ва омили асосии ҳифзу нигоҳдошти низоми иҷтимоӣ арзёбӣ гардидааст.

Сотсиологи англис Э. Гидденс низ ҳуқуқро ба сифати институти иҷтимоӣ ва меъёри муҳимми иҷтимоӣ таҳқиқ намудааст. Сотсиолог муносибатҳои иҷтимоиро муносибатҳои баробарҳуқуқи демократӣ номидааст, ки дар он ҳар як тараф ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, аз маҷбуркунӣ ё зӯроварӣ озоданд. Сотсиологи муосир П. Штомпка ҳуқуқро аз дидгоҳи равиши азнавсозӣ таҳқиқ намуда, онро воситаи аз байн бурдани анъанаҳои зараровар ва навсозии сохтори иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ кардааст.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии сотсиологҳои классик ва равишҳои муосири сотсиологӣ масъалаҳои муҳимтарини сотсиологияи ҳуқуқ, моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, амали самараноки ҳуқуқ дар ҷомеа ва дигар масъалаҳои ба институти иҷтимоии ҳуқуқ алоқаманд таҳқиқ гардидаанд.

Дар зербоби сеюми боби якум – **«Ҳолат ва амали иҷтимоии ҳуқуқ дар марҳилаи гузариши ҷомеа»** – ҳуқуқ дар шароити давраи гузариши ҷомеа, назарияҳои сотсиологии давраи гузариши ҷомеа, аномияи ҳуқуқӣ, масъалаҳои ҳуқуқии давраи гузариши ҷомеа: камбизоатӣ, коррупсия, иқтисоди пинҳонӣ ва амали иҷтимоии ҳуқуқ таҳқиқ карда мешаванд.

Дессертант қайд мекунад, ки халқи тоҷик дар таърихи худ низомҳои гуногуни ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст (ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи шуравӣ, низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол), ки ҳар яке аз онҳо давраи гузариши худро дошта, дар шуур ва маданияти ҳуқуқӣ нақши худро гузоштаанд. Давраи гузариши ҷомеа ҳолати буҳронӣ, мушкил ва зиддиятнокест, ки бо сабаби зуд тағйир ёфтани сохтори ҷамъиятӣ ба миён меояд, ҳокимияти сиёсӣ ва тағйироти куллии ҷомеа таъҷилӣ вокуниш нишон дода наметавонад, ҷамъиятро бекорӣ, камбизоатӣ, иқтисоди пинҳонӣ, каҷрафтории иҷтимоӣ, беқонунӣ ва нигилизми ҳуқуқӣ фаро мегиранд. Ҳарчанд дар ибтидои Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон роҳи

эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёдро пеш гирифт, аммо ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии мардум хело бад гардид, ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ҷомеаро бухрони шадиди иқтисодӣ-сиёсӣ, бекорӣ ва камбизоатии сартосарии аҳолӣ фаро гирифт.

Давраи гузариши ҷомеа ба ҳуқуқ бештар таъсир мерасонад, зеро ҳуқуқ нисбат ба давлат хусусияти консервативӣ дорад. Дар ҳолати зуд тағйир ёфтани сохтори идораи давлат ва низоми сиёсӣ ҳуқуқ муносибатҳои нави иҷтимоиро фавран фаро гирифта наметавонад. Қонунҳои бошитобона қабулшудаи давраи гузариш манфиатҳои шаҳрвандонро инъикос карда наметавонанд, шуури ҳуқуқӣ, ки муддати дурудароз шакл мегирад, зуд дигаргун намегардад. Махсусан, дар ибтидои давраи гузариш бештари меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳама фаҳмо нестанд ва ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии қабли зид мебароянд. Дар ин ҳолат муносибатҳои нави ҷамъиятиро меъёрҳои ҳуқуқии куҳна танзим менамоянд, ки на ҳама вақт самаранок ҳастанд. Дар давраи гузариш ҳудудҳои табақаҳои иҷтимоӣ гум шуда, шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоие пайдо мешаванд, ки бо қобилияти махсуси мутобиқшавӣ ба низоми сиёсӣ роҳ ёфта, захираҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро соҳибӣ менамоянд.

Барои тавсифи ҳолати ҳаёти ҳуқуқии давраи гузариши ҷомеа дар илми сотсиология якчанд назарияҳо пешниҳод шудаанд, ки яке аз онҳо бо номи «аномия» хеле машҳур аст. Асосгузори ин назария Э. Дюркгейм аномияро таназзули низоми меъёрӣ-арзишии ҷомеа ва шакли беморӣи иҷтимоӣ номидааст, ки дар натиҷаи тағйироти фаврию куллии ҷомеа ва давраи гузариш пайдо шуда, дар ҷомеа ҳолати беқонунӣ ва намудҳои гуногуни каҷрафтории иҷтимоӣ (аз ҷумла худкушиҳо) сар мезананд. Аз назари Э. Дюркгейм, дар ҳолати аномия меъёрҳои иҷтимоӣ вазифаи танзимнамоии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда наметавонанд, як қисми одамон зуд шароити зиндагии худро беҳтар мегардонанд, аммо аксарияти аҳолӣ ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор мешаванд. Мувофиқи назарияи намояндаи равиши функсионализми сохторӣ Р. Мертон аномия аномия дар ҳолате сар мезанад, ки одамон ба мақсадҳои иҷтимоии худ тавассути роҳҳои қонунӣ расида наметавонанд.

Дар давраи аввали соҳибистиқлолияти Тоҷикистон бештар ба ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ диққат доданд, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқ то дараҷае аз мадди назарҳо дур монд. Аз ин сабаб, кӯшиши ислоҳоти иқтисодӣ қариб натиҷае намедоданд, зеро ба меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда мувофиқат намекарданд ва ё санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии комиле вуҷуд надоштанд, ки натиҷаҳои ин ислоҳотро ба танзим даророанд. Мисоли равшани ислоҳоти иқтисодии давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ мебошад. Мутаассифона, ислоҳоти иқтисодӣ натиҷаи дилхоҳ надод, ҷомеаро бухрони иқтисодӣ, баланд рафтани сатҳи ҷинояткорӣ, коррупсия, нигилизми ҳуқуқӣ ва иқтисоди пинҳонӣ фаро гирифт.

Як мушкилии ҷиддии давраи гузариши Тоҷикистон – камбизоати аҳолӣ буд, ки ба шарофати андешидани тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои давлатӣ сатҳи камбизоатӣ аз 83%-и соли 1999 ба 19,0%-и соли 2025 коҳиш дода шуд [3, с. 5]. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки то соли 2030 табақаи камбизоати аҳолии Тоҷикистон то соли 2025 ба 18% ва соли 2030 то ба 15% расонида мешавад [2, с. 97].

Давраи гузариши ҳуқуқ дар ҷомеа ду падидаи нисбатан номатлуб: иқтисоди пинҳонӣ ва коррупсияро ташаккул медиҳад. Моҳияти иқтисоди пинҳониро рафтору фаъолияти иқтисодии ғайриҳуқуқӣ баҳри раҳоӣ ёфтан аз андозҳо ташкил медиҳад. То ҳол шумораи андозсупорандагоне, ки ба қонуншиканӣ ва пинҳонкориҳо роҳ медиҳанд, кам нестанд. Коррупсия бошад, ба амнияти миллӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, сатҳи рушди тиҷорат, фаъолияти соҳибкорони маҳаллӣ, обрӯи давлату ҳукумат ва умуман, рушду инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад [78, с. 45, 48, 179, 180]. Агар баъзе аз нафаронро муҳтоҷӣ

ва маоши кам ба амалҳои коррупсионӣ водор намояд, пас барои як бахши шаҳрвандон коррупсия ба одат табдил ёфтаанд.

Хулоса, давраи гузариши ҷомеа доимӣ нест, замоне ба охир мерасад. Ба андешаи донишмандони соҳа, ин марҳила дар Тоҷикистон то ҳол пурра ба охир нарасидааст, аммо давраҳои авҷи он паси сар шуда, хотимаёбиаш наздик омадааст. Баъзе аз унсурҳои низоми ҳуқуқии ҷомеа то охир мукаммал нагардидаанд ва ба ислоҳот ниёз доранд ва рушди ҷомеаи Тоҷикистон зарурати бартараф намудани ин масъалаҳои ҳуқуқиро боз ҳам ошкор менамояд.

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили **«Вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва татбиқи онҳо дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад ва таҳқиқи мафҳум ва таснифи «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ», хусусиятҳои вазифаи танзим ва ҷойивазнамоии иҷтимоии ҳуқуқро фаро мегирад.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ» ва таснифи он дар равиши сотсиологӣ»** – фаҳмиши сотсиологии вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, намудҳои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, таъинот ва самти таъсири ҳуқуқ ба муносибатҳои иҷтимоӣ таҳлил карда шудаанд.

Ҳар як институти иҷтимоӣ дар ҷамъият вазифаҳои муайяну мушаххасеро иҷро менамояд, ки ин хусусият ба институти иҷтимоии ҳуқуқ низ тааллуқ дорад. Ҳуқуқ тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ ба сохтори иҷтимоии ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандон таъсир мерасонад. Зери мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ», пеш аз ҳама, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ дар ҳаёти ҷомеа, инчунин самт ва доираи таъсиррасоии ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтору фаъолияти одамон ва умуман, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

Маҳз вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ моҳияти иҷтимоии онро нишон медиҳанд ва мустақилияти онро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ таъмин менамоянд. Муътадил иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои ҳаёту фаъолияти шаҳрвандон хело муҳим аст, зеро дар натиҷа барои ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва ташкили зиндагии сазовору шоиста шароити зарурииро фароҳам меоранд. Ҳамзамон меъёрҳои ҳуқуқ фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба тартиб медарорад ва ҳудудҳои амалкунии онҳоро муқарар менамояд. Ҳанӯз сотсиологҳои классик ба вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро воситаи танзими амалу фаъолияти одамон, ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ, воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ, идораи ҷомеа ва тақсими ҳуқуқу уҳдадориҳо дар байни аъзоёни ҷомеа номида буданд.

Аз солҳои 60-уми асри XX ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносони шуравӣ, ба мисли Т.Н Радко, С.С. Алексеев, М.И. Байтин, Н.Н. Вопленко зери мафҳуми «вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ» таъсири самтноки ҳуқуқ ба ҷомеа, нақш ва ҷойгоҳи ҳуқуқ дар ташкил ва батартибдарории муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмидаанд. Онҳо вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро мушаххас намуда, гурӯҳбанд (тасниф) кардаанд. Муҳаққиқи рус А.И. Абрамов он вазифаҳои ҳуқуқро вазифаҳои иҷтимоӣ меномад, ки агар таъсири ҳуқуқӣ ба соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ равона гардида бошад. Ба ақидаи ӯ, «таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ низ бояд бо назардошти соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ сурат гиранд» [147, с. 70]. Бо зиёд гардидани таҳқиқоти сотсиологӣ-ҳуқуқӣ дар ҷомеаи пасошуравӣ равишҳои нав, аз ҷумла равиши сотсиологии шарҳи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ташаккул меёбанд. Масалан, вобаста ба равиши сотсиологӣ В.В. Лапаев вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва хусусияти хоси онҳоро таҳқиқ намудааст, ба вазифаҳои иҷтимоишавӣ, назорати иҷтимоӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳар яке аз онҳоро ботафсил баррасӣ намудааст [49, с. 189-202].

Аз дидгоҳи намояндагони равиши сотсиологӣ, бо васеъ гаштани соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ низ ташаккул ёфта, доираи танзими ҳуқуқӣ меафзояд. Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки ҳангоми таснифи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ мафҳуми «иҷтимоӣ» ҳамчун соҳаи алоҳида дониста шавад. Одатан, мафҳуми «иҷтимоӣ» ба маънои маҳдуд ҳангоми баррасии муносибатҳои оилавӣ, нафақа, хизматрасонии тиббӣ ва маишӣ, низоми имтиёзҳои

иҷтимоӣ, фароғат, таҳсилот, илм, фарҳанг, шуғлмандӣ, табақабандии иҷтимоӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, масъалаҳои гендерӣ ва ғайра истифода мегардад. Бояд дар назар дошта бошем, ки одамон пеш аз он ки ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гарданд, пеш аз ҳама, бояд дар байни онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ ҷой дошта бошанд.

Дар асоси таҳлили нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро дар шароити ҷомеаи муосири демократӣ ва ҳуқуқбунёд чунин тасниф намудан мумкин аст: танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нигоҳдошти мувозинати манфиатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳамгироии ҷомеа, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, идоракунӣ, муҳофизатӣ (аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон), барқарорнамоӣ (махсусан, барқарорсозии адолати иҷтимоӣ), маҳдуднамоӣ, ҷуброннамоӣ, муттаҳиднамоӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо ва рафтору амалҳои зиддиҳуқуқӣ ва ғайра мебошад.

Татбиқи вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ аз он вобастагӣ дорад, ки одамон то кадом дараҷа моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, эътироф мекунанд, истифода мебаранд ва дар амал татбиқ мекунанд. Ин ҷо сухан дар бораи маърифати ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, огоҳии ҳуқуқӣ, сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон меравад. Баъдан, самаранокии иҷрои вазифаҳои ҳуқуқ ба муносибати шаҳрвандон нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи шаффофияти фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ, авзои сиёсӣ ва сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа вобастагӣ дорад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва рафтори иҷтимоии шаҳрвандон»** – масъалаҳои вазифаи танзимнамоии ҳуқуқ ва таносуби он бо дигар танзимгарони муносибатҳои иҷтимоӣ (урфу одат ва анъанаҳо, ахлоқ, дин ва ғайра), омилҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии самаранок гардонидани раванди танзими ҳуқуқӣ баррасӣ гардидаанд.

Вазифаи асосии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ танзими муносибатҳои иҷтимоист. Танзими иҷтимоӣ дар шакли ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ), динӣ-ахлоқӣ (боварӣ, виҷдон, шаъну шараф, адолат, номус ва ғайра), эстетикӣ (зебоӣ, муд ва ғайра), ташкилӣ-техникӣ (қоидаҳои бехатарӣ, стандартҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо) ва монанди инҳо хувайдо мегарданд. Агар дар ибтидои шаклгирии ҳаёти иҷтимоӣ танзимгарони муносибатҳои байни одамон ахлоқ ва дин бошанд, пас ҳангоми пайдо шудани давлат, пайдоиши моликияти хусусӣ ва мураккаб гардидани робитаю муносибатҳои байниҳамдигарии одамон зарурат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ба маротиб зиёд гардид. Давлат ҳамон меъёрҳои ахлоқиеро, ки аз ҷониби одамон риоя ва иҷро намегарданд ва аз ин ҷомеа зарари калон мебинад, ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил медиҳад. Масалан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак».

Меъёрҳои ахлоқӣ ба виҷдони ботинии одамон ва меъёрҳои динӣ ба иродаю боварии одамон алоқаманд мебошанд, меъёрҳои ҳуқуқӣ ба неруи қудратии давлат такя менамоянд. Риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ба неруи маҷбурнамоии мақомоти гуногуни давлатӣ таъмин аст ва муташаккилона татбиқ мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳамаи субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ татбиқ мешавад, тамоми тарафҳои ҳаёту фаъолияти ҷомеаро танзим намуда метавонад. Танзими ҳуқуқӣ воситаи илмӣ, замонавӣ ва тамаддунии танзими муносибатҳои иҷтимоист. Меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои иҷтимоиро фаврӣ, амиқ, самаранок ва бо назардошти талаботу манфиатҳои қонунии субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ ба танзим медарорад.

Дар тамоми ҷаҳон санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ботадриҷ зиёд мешавад, меъёрҳои ҳуқуқӣ ба соҳаҳои илм, тиб, варзиш, санъат, хизматрасонӣ ва монанди инҳо ворид мегарданд, аммо дахолати ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд мусбат ва созанда бошад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд муносибатҳои нави дар соҳаҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ пайдошударо саривақт танзим намоянд ва барои пешрафти фаъолияти

соҳибкорӣ, ҳифзи моликияти хусусии шаҳрвандон, роҳ кушодан ба ҳама гуна шаклҳои фаъолияти қонунии иқтисодӣ ва бозори озоди иқтисодӣ нигаронида шуда бошанд. Он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба талаботи иқтисодии шаҳрвандон мувофиқат намекунанд, дар амал татбиқи худро намеёбанд, тараққиёти ҷомеаро бозмедоранд, ба рушди соҳибкории хурду миёна халал мерасонанд.

Шакли ифодаёбии ҳуқуқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ қонун аст, танзими самараноки муносибатҳои иҷтимоӣ аз сифати қонунҳо вобастагӣ дорад. Сифати қонун дар он ифода меёбад, ки то кадом дараҷа ҳуқуқу озодӣ ва манфиату талаботи одамонро инъикос менамояд ва ба рафтору фаъолияти созанда роҳ кушода, монеи рафтору фаъолияти харобсозанда мегардад. На зиёд будани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, балки сифати онҳо волоияти ҳуқукро таъмин менамоянд. Пуррагӣ, ҷой надоштани зиддиятҳои дохилӣ, амалан иҷрошаванда будан ва инъикоси манфиату талаботи шаҳрвандон нишонаҳои сифатнокии қонунҳоянд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси тоҷик М.З. Раҳимзода, яке аз вазифаҳои муҳимми фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар замони ҳозира бартарафсозии номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни қонунҳо, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда ба ҳисоб меравад [127, с. 7-9].

Айни замон зери таъсири инқилоби илмӣ-иртиботӣ (махсусан, зеҳни сунъӣ, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) соҳаи нави ҳуқуқ бо номи ҳуқуқи иттилоотӣ ташаккул меёбад ва зарурати саривақт танзими фазои иттилоотии ҷомеа ва расонаҳои маҷозӣ шиддат мегирад. Дар Тоҷикистон барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар фазои итилоотӣ санадҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд, аммо дар самти танзими шабакаҳои иҷтимоӣ, соҳибкории интернетӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳоло ҳам мушкилоти ҳалношуда зиёданд. Ҳатто давлатҳои муқтадири ҷаҳонӣ ба масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоии соҳаи технологияи муосири иртиботӣ ва иттилооти дучор мегарданд.

Албатта, ҳуқуқро ба сифати неруи мутлақ арзёбии нодуруст аст, зеро он ба ҳаёт пурра ҳукумфармоӣ карда наметавонад. Амали самараноки иҷтимоии ҳуқуқ ва қонунҳо ба як қатор омил ва шароити иҷтимоӣ вобастагӣ доранд, мисли: волоияти қонунҳо, инъикоси арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ (адолати иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ ва ғайра) дар қонунҳо, манфиатҳои ҳамаи аъзоёни ҷомеаро новобаста аз ҷинс, миллат, мансубияти этникию табақавӣ ва мақоми иҷтимоӣ фаро гирифтани қонунҳо ва ғайра. Дар риоя ва иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд худи қонунгузорон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори давлатӣ намунаи ибрат бошанд.

Омили дигаре, ки сатҳи қонуният ва волоияти қонунро таъмин менамояд, ҳангоми қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба назар гирифтани фикру нуқтаи назар (афкори омма)-и шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд бояд шаҳрвандон дар қабули қонунҳо фаъолона иштирок намоянд, нисбат ба қонунҳои қабулшуда пешниҳоду эътродҳои худро мустақиман ва ё тавассути воситаҳои ахбори омма баён карда тавонанд. Пеш аз қабули қонунҳои муҳим пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуда, афкори омма аз мадди назар дур намонад.

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии ҳуқуқ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, дар сурати самаранок иҷрои он рафтори ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон манфиатнок мегардад, зеро аз вайрон намудани меъёрҳои хуқуқӣ онҳо на манфиат, балки зарар мебинанд, пешрафти шахсӣ ва касбии худро зери хатар мегузоранд, мақоми иҷтимоии худро аз даст медиҳанд. Барои эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, инчунин танзими босифати муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон зарур аст, ки тавассути маърифати ҳуқуқӣ афроди қонунпазир ва эҷодкору созанда тарбия карда шаванд, ҳуқуқ на дар сухан, балки дар амал ба арзиши фоидаовар ва аҳаммиятнок табдил ёбад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Ҳуқуқ ҳамчун замина ва омили ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд»** вазифаи ҷойивазкунии иҷтимоии ҳуқуқ, масъалаҳои ҷойивазкунии шаҳрвандон ва воситаҳои ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи сотсиологӣ тағйири мавқеи иҷтимоии фард ё гурӯҳҳои иҷтимоиро дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ифода менамояд, ки торафт дар давлатҳои мутараққии демократии замони муосир ба ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамбастагӣ дорад. Сотсиологҳо ба нақши ҳуқуқ дар ҷойивазнамоии иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад, зеро маҳз ҳуқуқ ва шакли ифодаёбии он – қонун барои ҷойивазнамоии иҷтимоӣ роҳ мекушояд ва монеаҳои онро бартараф месозад. Сабабҳои то асри XX оммавӣ нашудани раванди ҷойивазнамоии иҷтимоии амудӣ ва ҳатто уфуқӣ низоми табақабандии пӯшида, беҳуқуқии аксарияти аҳолии давлатҳои ҷаҳон ва ҳукумфармо будани ҳуқуқи табақавӣ буданд. Махсусан, ҳуқуқии табақавӣ тақсимоти иҷтимоии меҳнат ва ҳолати ҳуқуқии ҳар як шахсро дар сохтори иҷтимоии ҷомеа муайян менамуд, монеи рушди устувори ҷомеа мегашт, роҳҳу воситаҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудиро маҳдуд гардонида буд. Ҳоло ҳам дар давлатҳое, ки ҳуқуқ дуруст амал намекунад, қонунҳо поймол мегарданд ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳифзшаванда нестанд, дар он ҷо ба маънои пуррааш ҷойивазнамоии иҷтимоии амудӣ вуҷуд надорад.

Бо шаклгирии ҳуқуқи дунявӣ, баробарҳуқуқии ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, қонуният ва ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд роҳу воситаҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ нисбатан ба тамоми намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас гардиданд. Маҳз амали воқеии ҳуқуқ дар ҷомеа низоми табақабандии пӯшидаи иҷтимоиро заиф сохта, ҷойивазнамоии амудиро имконпазир гардонид. Ҳуқуқ то дараҷае ба ҳама аъзоёни ҷомеаи муайян имконияти якхелаю баробари рушд, тағйири мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодиро фароҳам меорад ва барои ҷойивазкунии амудӣ роҳ мекушояд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки баъзе аз одамон аз ҳуқуқу озодиҳо истифода бурда, вазъи хуби иқтисодӣ ва мақоми баланди иҷтимоиро соҳиб шуда тавонистаанд.

Дар ҷомеаи муосир, махсусан, дар даҳаи аввали асри XXI табақаҳои болоӣ имкон надоранд, ки ҳамаи каналҳои ҷойивазкунии амудиро пурра зери назорат гиранд, аз ҳисоби табақаҳои худ шумораи зарурии кадрҳои идоракуниро омода карда наметавонанд ва ба мутахассисони боистеъдод ниёз доранд. Ин вазъият ба намояндагони синфи миёна ва поёнии ҷомеа имкон медиҳад, ки тавассути ҷойивазкунии амудӣ мақом, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии худро тағйир диҳанд. Агар давлат то дараҷае ба ҳама аъзоёни худ имконияти якхелаю баробари рушдро фароҳам оварда тавонад ва барои ҷойивазкунии амудӣ роҳ кушояд, он гоҳ шаҳравандон фаъол мегарданд, ҳамчун неруи созандаи ҷомеа баромад менамоянд.

Маҳдудияти ҷойивазнамоии иҷтимоӣ хоси ҳамаи ҷомеаҳост, ки дар дуруст амал накардани қонунҳо, қолабҳои фарҳангӣ, коррупсия, дастгирӣ наёфтани шаҳрвандони фаъолу ташаббускор ва бовиҷдон, нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра таҷассум меёбанд. Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳам шакли амудӣ ва ҳам уфуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба иқтисоди тағйирёбанда ва бисёрҷанба, омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин зиндагии деҳотӣ ё шаҳрӣ вобастагии зич дорад. Маҳз ин омилҳо дараҷаи ҷойивазкунии иҷтимоиро коҳиш дода, роҳҳои онро ба рӯйи баъзе қишрҳои аҳолии кишвар баста мегардонанд.

Муҳимтар омили ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Маориф дар давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд институти асосии амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзишҳои демократӣ ва дунявӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Ш. Шоисматуллоев, «ҳар қадар ҷомеа демократӣ ва кушода бошад, ҳамон қадар маориф ҳамчун воситаи ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ самаранок мегардад» [144, с. 8]. Дар ҷомеаи муосир нафароне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии

касбиро хатм накардаанд, дар зинаҳои баланди мансабӣ боло рафта наметавонанд ва ба пешрафти касбӣ ноил намегарданд. Ҳуқуқ ба таҳсил имконият медиҳад, ки нафарони қобилиятнок интихоб карда шуда, мақоми иҷтимоии онҳо дар оянда муайян гардад ва ҷойи хешро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ тағйир диҳанд.

Омилҳои дигари ҳуқуқии ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба интихоби касбу кор ва ҳуқуқҳои сиёсӣ мебошанд. Худмуайянкунии касбӣ, мувофиқ ба қобилият ва шавқу ҳавас интихоби касб мақомиояндаи иҷтимоӣ ва тарзи зиндагии минбаъдаи шахсро муайян менамояд. Ташкилоти сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва сохторҳои сиёсии давлатӣ низ нардбонҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ ба ҳисоб меравaнд. Шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои сиёсии худ истифода бурда, ба ин ташкилоти сиёсӣ ворид гардида, дар натиҷа мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии хешро тағйир медиҳанд. Дар Тоҷикистон бештари арбобони хизматнишондиҳандаи сиёсӣ аз табақаҳои поён ва миёнаи иҷтимоӣ буданд ва тавассути ташкилоти сиёсӣ ба мансабҳои баланди давлатӣ расида, мақоми баланди иҷтимоиро соҳиб шудаанд.

Ҳамин тавр, яке аз вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои муътадил сурат гирифтани раванди ҷойивазкунии иҷтимоист. Маҳз мавҷудияти механизмҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ шахсони фаъолро барои навовариҳо, кашфиёту ихтироот, эҷод ва иштироки васеъ доштан дар эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ таҳрик медиҳанд ва ҳавасманд мегардонанд.

Дар боби сеюми диссертатсия – **«Таъсири ҳуқуқ ба сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** – масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна, инчунин, нақши ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба таври муфассал таҳқиқ гардидаанд.

Зербоби якуми боби сеюм – **«Масъалаҳои азнавсозӣ (модернизатсия)-и ҳуқуқ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд»** – ба таҳқиқи масъалаҳои азнавсозии ҳуқуқ, таносуби анъана ва азнавсозии ҳуқуқ, инчунин, зарурати таҷассум ёфтани фарҳанги миллӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Азнавсозӣ раванди фароҳам овардани шароит ва муҳити зиндагӣ мутобиқ ба стандартҳои пешқадами умумиҷаҳонӣ ва истифодаи дастовардҳои навтарини илму техника ва технологияи муосир дар ҳаёту фаъолияти иҷтимоӣ мебошад. Азнавсозии соҳаҳои гуногуни ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ба зарурати ногузир табдил ёфтааст, зеро давлат тавассути истифодаи самараноки дастовардҳои пешқадами фарҳангии ҷаҳони рушди устувори ҷомеаро таъмин менамояд. Ба маънои аслӣ азнавсозӣ гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосири саноатию иттилоотиро ифода менамояд, ки дар ин раванд бояд ҳувият ва фарҳанги миллӣ ба инобат гирифта шаванд. Одатан, раванди азнавсозӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, саноат, пешрафти илму техника ва технологияи иттилоттию иртиботӣ асос ёфтааст.

Мутобиқ намудани низоми ҳуқуқии давлати миллӣ ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ, воридсозии дастовардҳои ҳуқуқии замони муосир ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти ҳувияту фарҳанги миллӣ, инчунин, инъикоси муносибатҳо ва талаботи шаҳрвандон дар қонунҳои амалкунанда яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша тағйир меёбад ва ҳамзамон ҳуқуқ низ бояд ба талаботи нави иҷтимоӣ мутобиқ гардад. Ҳоло соҳаҳои нави фаъолияти иҷтимоӣ ба миён меоянд ва дар ин замина муносибатҳои сифатан нави иҷтимоӣ пайдо шуда, зарурати танзими ҳуқуқии онҳо ногузир гардидааст. Танзими муносибатҳои нави иҷтимоӣ ва ба талаботи нави иҷтимоӣ мутобиқсозии низоми ҳуқуқии ҷомеаро тавассути азнавсозии ҳуқуқ ё модернизатсияи ҳуқуқ амалӣ намудан мумкин аст.

Зери мафҳуми «азнавсозии ҳуқуқ» истифодаи ҳуқуқ дар идораи ҷомеа, тағйири шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, инъикоси талаботи навини иҷтимоӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои нави иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Азнавсозии ҳуқуқ бартарафсозии зиддиятҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқ

намудани ҳуқуқ ба намунаи дастовардҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, тағйироти тадриҷию сифатии ҳуқуқ бо назардошти таҷрибаи муфиди ватанию умумиҷаҳонӣ ва талаботи рӯзафзуни шаҳрвандон мебошад. Ҳуқуқ яке аз воситаҳо ё абзори асосии азнавсозии дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоист, зеро ба пайдошавии субъектони иҷтимоии раванди азнавсозӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқ объекти раванди азнавсозӣ аст, ки тавассути азнавсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои нави иҷтимоӣ танзим мешаванд.

Ҷаҳонишавии ҳуқуқ ба он оварда расонидааст, ки меъёр ва арзишҳои ҳуқуқии пешқадам ба низоми ҳуқуқии давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Тоҷикистон роҳ меёбанд, давлатҳо аз таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии якдигар самаранок истифода мебаранд, азнавсозии низоми ҳуқуқии худро вобаста ба талаботи ҳуқуқи байналхалқӣ ва талаботи нави ҳуқуқи ҷаҳонӣ ба роҳ мемонанд. Ба сифати субъектони азнавсозии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони фаъолу ташаббускор баромад мекунанд. Махсусан, нақши давлат дар раванди азнавсозии ҳуқуқ муайянкунанда мебошад, зеро маҳз давлат санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул мекунад ва дар ҳолатҳои зарурӣ тағйир медиҳад. Давлат низ барои азнавсозӣ шудан ба ҳуқуқ ниёз дорад, зеро азнавсозии тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти одамон тавассути ҳуқуқ амалӣ мегарданд.

Азнавсозии ҳуқуқ арзишҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар давлатҳои миллӣ паҳн менамоянд ва ба ҷаҳонишавии ҳуқуқ замина мегузорад. Агар аз як тараф, азнавсозии ҳуқуқ барои мукаммал гардидани низоми ҳуқуқии миллӣ мусоидат намояд, аммо аз тарафи дигар, ба устувории ҳувият ва фарҳанги миллӣ таъсири манфӣ расонида метавонад, зеро давлатҳои абарқудрат зери шиорҳои озодӣ, демократия ва ҳуқуқи инсон ба корҳои дохилии давлатҳои миллӣ дахолат карда, ҳадафҳои худро амалӣ кардан мехоҳанд. Азнавсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ногузир аст, аз ин рӯ, дар ин раванд бояд манфиатҳои миллӣ дар ҷойи аввал қарор гиранд.

Имрӯз низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ мувофиқ ва пайваст карда мешавад, маданияти ҳуқуқии давлатҳои рушдёфтаи демократӣ барои тараққиёти қонунгузории Тоҷикистон ва сиёсати ҳуқуқии давлат мусоидат менамояд. Дар ин раванд муҳим он аст, ки ҳангоми қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ дар баробари такя ба намунаи низоми ҳуқуқии ғарбӣ, бояд манфиатҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи пешқадами таърихи ҳуқуқи миллат, афкори боғановати ҳуқуқии ниёгон ва дар маҷмуъ, ҳувияти ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Ҳамбастагии татбиқи ҳуқуқ ва ташаккули синфи миёна дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** масъалаҳои ташаккули синфи миёна дар Тоҷикистон, таъсири мутақобилаи ҳуқуқ ва синфи миёна, рафтори ҳуқуқии намояндагони синфи миёна ва омилҳои ҳуқуқии рушди синфи миёна таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Таҳлили натиҷаҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳуқуқ ва синфи миёна бо ҳам ҳамбастагии мусбат доранд, зеро боло рафтани нақши иҷтимоии ҳуқуқ ба ташаккули синфи миёна оварда мерасонад ва баръакс, иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ва амали самараноки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба ташаккули синфи миёна ҳамбастагии зич дорад. Дар замони муосир давлатҳое рушди устувор ва зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандони худро таъмин карда тавонистаанд, ки шумораи намояндагони синфи миёнаашон аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд. Соли 2015 дар Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид ва дар ин ҳуҷҷати муҳим омадааст, ки соли соли 2015 ҳиссаи табақаи миёна дар Тоҷикистон ба 22,4% баробар буд ва мувофиқи пешбиниҳо табақаи миёна соли 2020 то ба 30%, соли 2025 ба 40% ва соли 2030 то ба 50% расонида мешавад [2, с. 96].

Синфи миёна дар навбати худ кафили рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон буда, барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Давлатҳои мутараққии саноатӣ барои устувор сохтани ҷомеа ва амали самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба синфи миёна таваҷҷуҳи махсус доранд. Ҳукумронии қонун ва ҳуқуқ дар ҷомеа низ ба зиёд будани намояндагони синфи миёна алоқамандӣ дорад, зеро бо сабаби имконияти хуби таҳсил ва фаъолияти мунтазам ҷаҳонбинӣ ва шууру маданияти ҳуқуқии намояндагони синфи миёна ташаккул ёфтааст, онҳо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро риоя менамоянд ва аз қонунпазирии ҷомеа манфиатдоранд.

Намояндагони синфи миёна такягоҳи демократия мебошанд, давлат барои рушди иқтисоди бозоргонӣ ва сохтмони ҷомеаи воқеан ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ ба онҳо умед баста метавонад. Маҳз миёнаҳолон аз ҳуқуқу озодиҳои худ самаранок истифода мебаранд, манфиатҳои қонунии худро ҳифз менамоянд, фаъолона дар таъсисёбии ташкилоти ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, дар коҳиши сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ, коррупсия ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ саҳми арзанда мегузоранд, фаъолии сиёсии онҳо барои пешрафти шахсӣ ва касбӣ нигаронида шудааст.

Дар дохили синфи миёна ҷойвазкунии иҷтимоӣ босуръати баланд идома меёбад, зеро намояндагони он фаъол ва ташаббускор мебошанд, бо шарофати сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии худро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ устувор нигоҳ медоранд. Намояндагони синфи миёна ба таҳсил, иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии фарзандони худ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Фарзандони онҳо соҳибмаълумот ва фаъол буда, нисбат ба дигар табақаҳои аҳолӣ зиёд меҳнат мекунанд, тафаккури илмӣ-техникиашон ташаккул ёфтааст, барои донистани забонҳои хориҷӣ талош менамоянд ва технологияи муосири иртиботиро самаранок истифода бурда метавонанд.

Таҳқиқоти сотсиологӣ ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон синфи миёна ҷои худро пайдо намудааст, аммо монеаҳои ташаккули он низ зиёданд. Мутаассифона, аксарияти намояндагони синфи миёнаи тоҷикистонӣ дар сатҳи кофӣ фаъолии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нишон намедиҳанд, бо андак муваффақият дигар аз пайи рушди худ намешаванд ва ё бо андак нокомӣ аз мубориза даст мекашанд. Баъзеи онҳо кори шахсии худро пурра қонунӣ намегардонанд ва аз супоридани андоз канораҷӯйӣ мекунанд. Ҳамзамон, баъзан поймоли ҳуқуқи соҳибкорон ва монеагузорӣ дар кори онҳо аз тарафи баъзе аз афроди манфиатхоҳ ташаккули синфи миёнаро ба таъхир меандозад ва таҳдиди ҷойивазнамоии иҷтимоии поёнравандаро ба миён меорад.

Масъалаи дигаре, ки ба зиёдшавии синфи миёнаи Тоҷикистон монеа мегардад, «фирори зеҳнҳо» мебошад. Мутахассисони соҳавии ватанӣ бо пайдо шудани имконияти камтарин барои дарёфти маоши баланд тарки ҷумҳурӣ мекунанд. Ташкилотҳои хориҷӣ наврасону ҷавонони болаёқатро ҳам дар давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳам пас аз хатми онҳо тавассути барномаю бурсияҳо «гулчин» карда, аз кишварамон берун мебароранд. Ба андешаи файласуфи тоҷик А.Ш. Қурбонов, муҳоҷирати мутахассисон озодӣ ва ихтиёри онҳо аст, аммо ин гуна озодӣ то ҳадде бояд риоя шавад, ба манфиатҳои ҷомеа, соҳаи муайян ва ашхоси алоҳида зиён нарасонад, «Шаҳрвандони Тоҷикистон дар куҷое, ки набошанд, барои бунёди ҷомеаи пешқадаму замонавӣ дар ин сарзамин бояд саҳмгузор бошанд» [116, с. 248].

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ба устуворгардии синфи миёна дар Тоҷикистон омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд, аз ҷумла татбиқи ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрвандон (махсусан, фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи моликияти хусусӣ), расонидани кумакҳои молиявӣ (рушди соҳаи бонкӣ) ва иттилоотӣ-машваратӣ ба соҳибкорон, пешгирии амалҳои номатлуб (бюрократизм ва коррупсия) дар бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, ба идора ва назорати

давлатии соҳибкории хурду миёна ҷалби шахсони воқеан ватандӯст, бомаърифат, кордон ва ботаҷриба, ташкили рақобати солими иқтисодӣ, рушди соҳаи аграрӣ, ҷалби сарватмандони ватанӣ барои сармоягузори ба иқтисодиёти миллӣ, рушди “ҳукумати электронӣ”, волоияти қонун ва ғайра.

Ҳамин тариқ, рушди синфи миёна омил ва шароити зарурии ташаккули ҷомеаи демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амали самараноки қонунҳои қабулшуда мебошад. Барои таъмини некуаҳволии халқ, устувории ҳокимияти сиёсӣ ва коҳиши сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо бояд ҳиссаи намояндагони синфи миёна ба 50-60% расонида шавад. Дар ин шароит ватандӯстони асиле лозиманд, ки дар ҳақиқат, барои ояндаи дурахшони миллат масъулият ҳис кунанд, манфиатҳои ҷамъиятиро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузоранд, барои зиндагии шоистаи ҳамватанонаш тамоми кӯшишу қобилияти худро дареғ надоранд. Давлат ба шахсони бузург, нобиғаҳо ва ватандӯстоне ниёз дорад, ки моро ба ҷойгоҳи таърихиамон баргардонад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм **«Ҷойгоҳи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ»** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз дидгоҳи диссертант, пайдоиш ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ҳамбастагӣ дорад. Унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли сохтмони давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ, иштироки шаҳрвандон дар ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, идораи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, озодии сухан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд.

Таҳлили назарияҳои классикони илмҳои ҷомеашиносӣ, мисли Н. Макиавели, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ш. Монтескио, Ж.Ж. Руссо, И. Кант, Ф. Гегел ва дигарон хулоса бароварда мумкин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин зинаи махсуси рушди ҷомеа ва шакли ташкилоти иҷтимоист, ки имконияти рушд ва зиндагии шоёну арзандаи шаҳрвандонро таъмин намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро кафолат медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи муттамадини демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад, ки талабот, манфиат ва арзишҳои мухталифи аъзоёни ҷомеаро ифода намуда, шарики баробари давлат ба ҳисоб меравад.

Иштироки васеи шаҳрвандон дар идораи ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ тавассути созмон додани иттиҳодия ва ташкилоти ҷамъиятӣ (институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ), таъмини имконияту шароити баробари инкишоф, худмуайянкунӣ ва худвоқеъгардонии шахс, шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, озодии меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ, озодии сухан ва ақида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд моҳияти ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иборат буда, фаъолияти онҳо ба қонеъ гардонидани манфиату талаботи иҷтимоӣ, татбиқи қобилияту малакаҳои одамон ва накуаҳволии ҳамаи аъзоёни ҷомеа нигаронида шудааст.

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ одамон ба давлат умед набаста, некуаҳволии худро бо неруи худ таъмин кардан мехоҳанд. Инъикос гаштани манфиатҳои шахсӣ тавассути манфиатҳои гурӯҳи муҳимтарин шакли зоҳиршавии манфиатҳо дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Аз ин рӯ, шаҳрвандон ба ташкилоту иттиҳодияҳои гуногун ворид гардида, бо ин васила дар рушди ҷомеа саҳм мегузоранд. Муносибатҳои байни одамон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти уфуқӣ дорад, тавассути муносибату робитаҳои озоду баробар иродаи худро ифода намуда, талаботи муҳимми ҳаётии хешро қонеъ мегардонанд ва худро иштирокчии комилҳуқуқи равандҳои демократии давлат эҳсос менамоянд.

Айни замон дар Тоҷикистон «ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз пурра шакл нагирифтааст, он дар марҳилаи барқароршавӣ қарор дорад» [42, с. 3-4], унсурҳои он, мисли мисли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ассотсиятсияҳо ва дигар ташкилот ботадриҷ ташаккул меёбанд. Чӣ хеле, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: «Мо ҳанӯз дар

оғози эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорем. Таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит месозад, ки бунёди чунин давлат раванди тӯлонӣ мебошад» [5].

Унсури асосӣ ва меҳварии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқ мебошад, маҳз ба шарофати ҳуқуқ шаҳрвандон қобилияту имконияти худро ошкор намуда, татбиқ менамоянд ва истифода мебаранд. Ҳуқуқ дар шакли қонунҳое, ки воқеан талаботи иҷтимоии одамонро инъикос менамоянд, барои рушди объективии ҷомеа ва инсоният роҳ мекушояд, тавассути амалӣ гардонидани арзишҳо ва манфиатҳои фардию умумиинсонӣ, мисли баробарҳуқуқӣ, озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ғайра ба ташаккули ҷомеаи ҳуқуқию шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдарзода, «Барои барқароршавӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дастурҳои возеҳи дар қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида лозим аст» [161, с. 7]. Институти ҳуқуқ нахуст барои барқароршавии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд ва минбаъд дараҷаи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ раванди татбиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро тақвият мебахшанд.

Пайдоиш ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сатҳи ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, фаъолӣ, эҷодкорию созандагӣ, сатҳи таҳсилот ва маданияти умумии шаҳрвандон вобастагӣ дорад, зеро шахсони созандаю масъулиятшинос неруи ҳаракатдиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз аксарияти шаҳрвандони мо ба мафҳуму моҳияти «ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва унсурҳои асосии он сарфаҳм намераванд. Қариб нисфи мусоҳибон бар он ақидаанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Аз се як ҳиссаи мусоҳибон иброз намуданд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, аммо хеле заиф аст [100, с. 40, 80].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бавосита ё бевосита ба давлат алоқамандӣ дорад. Ҳарчанд институтҳои иҷтимоӣ бо ташаббуси шаҳрвандон ташкил мешаванд, аммо давлат фазои ҳуқуқии фаъолияти онҳоро фароҳам меоварад ва назорат менамояд. Ҳамкорӣ ва шарикии байни институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ заминагузорӣ менамояд. Дар Тоҷикистон ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият меёбанд, то ибтидои соли 2021 дар Тоҷикистон расман 3000 ташкилоти ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шуда буд [42, с. 5].

Хулоса, дар давлатҳое, ки нишонаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор аст, ба сӯйи тараққиёти ҷамъиятӣ роҳ ёфтаанд. Агар дар кишварамон воқеан давлати ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ бунёд гардад, пас механизмҳои самараноки ҳалли бисёре аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ пайдо карда мешаванд.

Боби чоруми диссертатсия – **«Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеаи муосир»** – аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмати таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ», сабабҳои пайдоишу густариш, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартарафсозии он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якуми боби чорум – **«Мафҳуми «нигилизми ҳуқуқӣ» ва сабабҳои пайдоишу паҳншавии он дар ҷомеаи муосир»** нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии пайдоиш ва доираи паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд.

Нигилизми ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии шуури ҳуқуқӣ, муносибату тасаввуроти аҳолӣ нисбат ба ҳуқуқ, қонун ва фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Моҳияти «нигилизми ҳуқуқӣ» ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ дар паст рафтани арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори имконияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, нобоварӣ ба волоияти ҳуқуқ ва қонун, инкори меъёрҳои ҳуқуқ, нақши қонунгузорон ва ҳокимияти судӣ, эътимод надоштан ба фаъолияти

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, эътирофи ҳуқуқ ҳамчун воситаи зӯроварӣ ва дигар падидаҳои манфии ҳуқуқии ҷомеа ифода меёбад.

Пайдоиш ва рушди нигилизми ҳуқуқӣ ба як қатор омилҳо ва сабабҳои объективӣ ва субъективии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳолате, ки қонунҳо талаботи воқеӣ ва манфиатҳои қонунии аҳолиро инъикос намекунанд, шаҳрвандон бо роҳи қонунӣ масъалаҳои ҳаётии худро ҳал карда наметавонад, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон риоя ва ҳифз намегарданд, зуд-зуд ба амалҳои коррупсионӣ дучор мешаванд, нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Чунин қолаби фикрие пайдо мешавад, ки ҳуқуқ танҳо манфиати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва шахсони алоҳидаро инъикос менамояд.

Ба нигилизми ҳуқуқӣ ВАО, махсусан, воситаҳои нави иртиботӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо ва ғайра) сабаб мегарданд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар баробари паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ, инчунин рафтори зиддиҳуқуқӣ, зӯроварӣ, ҷиноятҷорӣ, амалҳои зиддиахлоқӣ ва бесамарии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқукро намоиш медиҳанд, ки на ҳама вақт ба воқеият мувофиқат мекунанд. Аз ин сабаб, дар байни наврасону ҷавонон торафт рафторҳои зиддиҳуқуқию зиддиахлоқӣ меафзоянд. Инчунин муҳити носолими оилавӣ, паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии волидайн, рафторҳои зиддиҳуқуқӣ дар оила ба иҷтимоишавии ҳуқуқии аъзоёни оила, махсусан, наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд. Бештари рафторҳои зиддиҳуқуқӣ, муносибати беэҳтиромона нисбат ба қонунҳои амалкунанда, нобоварӣ ба неруи ҳуқуқ ва намояндагони мақомоти давлатӣ, махсусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз оила сарчашма мегиранд.

Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Он аз даврони шуравӣ замина мегирад. Дар байни аксарияти аҳолии Тоҷикистон чунин фикре паҳн гардидааст, ки қонунҳо боадолатона нестанд, ба манфиати шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои ҳукумрон қабул шудаанд. Дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ афроди сарватманд ва бонуфуз аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ озод мегарданд. Ҳарчанд бештари шаҳрвандон қонунҳоро нахондаанд ва дар бораи фаъолияти намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумоти кофӣ надоранд, аммо шунидаҳояшонро бе таҳлил ва бо фаҳмиши худ ба атрофиён нақл мекунанд.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ сабаби ба қонун боварӣ надоштани шаҳрвандонро аз се як ҳиссаи мусоҳибон (34,0%) дар надонистани қонун мебинанд. Инчунин 9,9%-и мусоҳибон иброз намуданд, ки ноадолатиҳои иҷтимоӣ боис мешавад, ки шаҳрвандон ба қонун бовар намекунанд. Мусоҳибон сабабҳои риоя ва иҷро нашудани қонунҳои қабулшудаи амалкунандаро дар баробари паст будани сатҳи шуури ҳуқуқӣ боз ба дигар омилҳо алоқаманд донистаанд. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон (26,5%) бар он ақидаанд, ки худи қонунгузорон ва мансабдорон қонунро риоя намекунанд. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон иброз намуданд, ки қонунҳо сода ва фаҳмо навишта нашудаанд. Ҳамзамон, 17,5% иброз доштанд, ки сабаби риоя нашудани қонунҳо бо ришва аз ҷавобгарӣ озод шудани ҳуқуқвайронкунандагон мебошад. Инчунин мусоҳибон сабабҳои дигарро низ ишора намуданд: қонунҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд – 15,9%, ҳоло дар доираи қонун зиндагӣ кардан мушкил аст – 15,6%, қонунҳо зиддиятнок мебошанд – 7,5% [99, с. 94, 95, 104].

Бо сабаби нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон як қисми аҳолӣ ҳангоми гирифтор шудан ба зӯроварию шиканҷа ва поймол гаштани ҳуқуқҳои озодиҳои шахсии худ, инчунин барои ҳалли баҳсу моҷароҳои байниякдигарӣ на ба суд, адвокат ё мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, балки ба раиси маҳалла ва рӯҳониён, мансабдорони маҳаллӣ ва шахсиятҳои муътабару бонуфуз муроҷиат менамоянд. Барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ аз механизмҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд. Агар шаҳрвандон барои ҳалли мушкилоти хеш ба судҳо муроҷиат кунанд ҳам, ба масъалаҳои оилавӣ, баҳсҳо барои қатъи никоҳ, тақсими мерос ва дигар масъалаҳои ба ин монанд дахл доранд.

Ҳамин тариқ, нигилизми ҳуқуқӣ муносибати манфӣ ё шаккокона нисбат ба ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки дар шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ на танҳо дар байни шаҳрвандони одӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва касбӣ, балки дар байни доираи расмӣ, мансабдорони давлатӣ ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ паҳн гардидааст. Мутаассифона, баъзе аз зиёиён, ки худ бояд паҳнкунандаи арзишҳои ҳуқуқӣ бошанд, баръакс, ба ташаккули нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби чорум – **«Оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартараф намудани нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон»** – шаклҳои зуҳурёбӣ ва паёмадҳои иҷтимоии нигилизми ҳуқуқӣ, муносибати шаҳрвандон бо падидаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, нигилизми ҳуқуқӣ яке аз монеаҳои ҷиддии рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, раванди иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқиро хароб намуда, ба ҷараёни таҳвили таҷрибаи ҳуқуқӣ аз як насл ба насли дигар халал мерасонад, шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро тағйир медиҳад, ҳодисаҳои майли баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ меафзояд, амнияти шаҳрвандон зери хатар мемонад, дар ҷомеа сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ ва коррупсия меафзояд, шаҳрвандон вобаста ба истеъдод ва қобилияти хеш ба рушди шахсӣ ва касбӣ ноил гардида наметавонанд. Инчунин, нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба раванди ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, амали самараноки ҳуқуқ, волоияти ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад.

Баъзе аз муҳаққиқон ба як қатор ҷиҳати мусбати нигилизми ҳуқуқӣ низ ишора кардаанд [120, с. 15]. Агар нигилизми ҳуқуқӣ воқеӣ, табиӣ ва асоснок бошад, ба рад кардани қонунҳои зиддиҳуқуқӣ ва рафтори зиддиқонунӣ равона шавад, пас он барои ошкор сохтани мушкилоти ҳуқуқии ҷомеа, аз байн бардоштани меъёрҳои ҳуқуқии куҳнашудаю нолозим ва таҳияи меъёрҳои нави ҳуқуқӣ кумак мерасонад.

Бартараф кардани нигилизми ҳуқуқӣ раванди мураккаб, дурудароз ва ҳамзамон, имконпазир буда, ба тағйир ёфтани шароити объективии ҳаёти ҷамъият алоқамандӣ дошта, фаъолияти мақсадноку идеологӣ ва ташкилотчигиро талаб менамояд ва аз амалӣ гардидани маҷмуи тадбирҳои махсуси ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Татбиқи ин тадбирҳо бояд ба ташкили муҳити сифатан нави иҷтимоӣ таҳкими боварии аҳолӣ ба ҳуқуқ, қонун ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шуда бошанд. Инчунин, ҳамаи роҳу воситаҳои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа, инчунин, кӯшишу талошҳои шаҳрвандон барои барқарор гардидани адолати ҳуқуқӣ алоқаманданд.

Одамон ҳамон вақт рафтори худро ба ҳуқуқ мувофиқ менамояд ва ба он эҳтиром мегузоранд, ки агар ба манфиатовар будани он боварӣ дошта бошанд. Маҳз боварӣ ба ҳуқуқ шароити аслии боло рафтани нақши ҳуқуқ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва эътирофи арзишнокии ҳуқуқ мегардад. Агар дар бораи аҳаммияти ҳуқуқ дар ҷомеа ва манфиатнок будани қонунҳо ҳар қадаре тарғибот набарем ҳам, аммо агар шаҳрвандон дар ҳаёти рӯзмарра пайваста ба иҷро нагаштани талаботи қонунҳо, қонуншиканӣ ва беҷазо мондани ҷинояткорон вохӯранд, ба шуури онҳо ягон таъсир намерасонад. Танҳо қонуният ва аз ҷониби ҳамаи табақаҳои аҳолӣ риоя ва иҷрои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо ҳавасманд гардонида метавонад.

Қариб аксарияти сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон ба ин назаранд, ки барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ бояд маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ тақвият дода шаванд. Ба шаҳрвандон аз рӯйи қонун зиндагӣ карданро омӯзонидан лозим аст, онҳо бояд дарк кунанд, ки аз рӯйи қонун пеш бурдани ҳаёт манфиатнок, шоиста, бароҳат ва замонавӣ будан мебошад. Агар саводнокии ҳуқуқӣ, шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шавад, нафарони қонунпазир дар ҷомеа зиёд мегардад ва онҳо бо неруи худ ҳуқуқу озодиҳои хеш дифоъ карда, ба

зидди беқонунӣ ва беадолатӣ эътироз менамоянд. Ҳангоме, ки саводи ҳуқуқии шаҳрвандон боло меравад, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои манфиатҷӯ низ ҳангоми муносибат бо атрофиён эҳтиёткорона муносибат мекунанд ва аз ошкоро поймоли ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон метарсанд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии қаблан зикргардида аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (20,1%) тарғиб ва фаҳмонидани қонунҳоро як роҳи баланд бардоштани эътимоди шаҳравандон нисбат ба қонун мешуморанд. Инчунин, 12,4%-и мусоҳибон иброз намуданд, ки барои он ки шаҳрвандон ба қонун боварӣ пайдо намоянд, бояд сатҳи дониши ҳуқуқии онҳо баланд бардошта шавад. Ба ақидаи мусоҳибон, барпо намудани адолати иҷтимоӣ (10,4%) ва таъмини баробарии ҳама дар назди қонун (9,8%) боиси эътимоди шаҳрвандон ба қонун шуда метавонанд [100, с. 28].

Ҳамин тариқ, барои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ бояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ҳифз гардида, қонунҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқи худро ёбанд, тавозуни манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нигоҳ дошта шаванд. Бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ба ташкили низоми дастгирии босифати ҳуқуқӣ низ алоқамандии зич дорад.

Боби панҷуми диссертатсия – **«Масъалаҳои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** – аз се зербоб иборат буда, дар ин қисмати диссертатсия хусусиятҳои рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ, раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳқиқ гардидаанд.

Дар зербоби якуми боби панҷум – **«Хусусиятҳои рушди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – вазъи кунунии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа ҳамаҷониба таҳлил гардида, масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дар Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Ба нақши институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ташаккули маданияти ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳувияти ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Ба андешаи диссертант барои эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ субъектони фаъоли дорои шуур ва маданияти баланди ҳуқуқие лозиманд, ки ҳуқуқу озодӣ ва ӯҳдадорҳои худро донанд, бо роҳи қонунӣ манфиатҳои худро ҳимоя ва амалӣ карда тавонанд. Чӣ хеле, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд: «Баланд бардоштани сатҳи донишу фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат мебошад. Донистани қонунҳо ва аз ҷониби шаҳрвандон дуруст истифода шудани онҳо кафолати таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо мегардад» [5]. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон барои амали иҷтимоии ҳуқуқ, рушди устувори иқтисодӣ, сифати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти самараноки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Шуури ҳуқуқӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ буда, аз маҷмуи донишҳо, назарияҳо, ғояҳою бовариҳои одамон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбат ба ҳуқуқ ва зуҳуроти ҳуқуқӣ таркиб ёфтааст. Ҳангоме, ки мазмуни ҳуқуқ дар шуури одамон инъикос мегардад, шуури ҳуқуқӣ ташаккул мeёбад. Шахсони дорои шуури ҳуқуқии рушдёфта ҳуқуқу озодиҳои худро медонад, ба поймоли онҳо роҳ намедиҳад, ӯҳдадориҳои худро дар назди ҷомеа ва дигар одамон дарк менамоянд, дар баробари ин, ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром ва эътироф менамояд. Шуури ҳуқуқиро дар натиҷаи раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул мeёбад.

Эҳтиром доштан нисбат ба ҳуқуқ аз доштани дониши ҳуқуқӣ оғоз мешавад, пеш аз он ки шахс рафтори ҳуқуқӣ содир намояд, бояд нахуст саводи ҳуқуқӣ дошта бошад. Агар сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ паст бошад, ҳуқуқ ба рафтори одамон таъсир расонида наметавонад. Тарзи ҳаёте, ки дар он ҳуқуқ афзалият надорад,

хатарнок аст ва дар он ҳама гуна рафтори зиддиҷтимоӣ ва зиддиҳуқуқӣ роҳ ёфта метавонад. Агар шуури ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ бошад, пас маданияти ҳуқуқӣ дар воқеият татбиқ ва истифодаи ин донишҳост. Маданияти ҳуқуқӣ маҷмуи дониш, тасаввурот, боварӣ ва муқаррароти ҳуқуқии шахс аст.

Паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ боис мегардад, ки ҳангоми шаҳрвандон ба мушкилоти гуногуни ҳаётӣ гирифтор мегарданд, қарорҳои нодуруст мебароранд ва рафтори ғайриҳуқуқӣ содир менамоянд. Маҳз шуур ва маданияти ҳуқуқӣ ба шаҳрванд муҳиммияти ҳуқуқро барои ҳаёти иҷтимоӣ нишон медиҳанд, бо тамоми шаклҳои зоҳиршавиашон (фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ) оқибатҳои рафтори зиддиҳуқуқиро бозгӯӣ мекунанд. Ҷомеашиноси рус Н.В. Никишова ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавононро як роҳи мубориза ба муқобили нигилизми ҳуқуқӣ ва экстремизму терроризм номидааст, зеро «ҳар чӣ қадар шуури ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа баланд бошад, ҳамон қадар рафтори одамонро танзим менамояд, қонуну тартибот мустаҳкам мегардад. Ба чунин зуҳуроти номатлуб, аз қабили ифротгароӣ ва умуман, ҷинояткорӣ танҳо шахсе посухи муносиб дода метавонад, ки маданияти ҳуқуқии ба қадри кофӣ инкишофёфта дорад» [126, с. 332-333].

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар марҳилаи шаклгирӣ ҳастанд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ яке аз сабабҳои асосии даст задани ноболиғону ҷавонон ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ (33,3%) будааст. Дар нишасти матбуотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (12-уми феврали соли 2026) зикр гардид, ки дар давоми соли 2025 дар ҷумҳурӣ 23 448 ҷиноят (2024-22 314) ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 74 ҳолат – одамкушӣ ва сӯиқасд ба он, 32 ҳолат – роҳзанӣ, 107 – ғоратгарӣ, 49 – таҷовуз ба номус, 119 – қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, 1 559 – авбошӣ, 3 857 – қаллобӣ, 3 902 – дуздӣ, 56 – тамаъҷӯӣ ва дигар ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамзамон, дар соли 2025 аз тарафи ноболиғон 715 ва аз тарафи ҷавонон 3116 ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст [173].

Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти шаҳрвандон бо сабаби паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ барои расидан ба мақсадҳои дарпешгузоштаи худ талош намекунанд, худро мухтор, озод, масъулиятшиносу ташабускор эҳсос намекунанд ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ мубориза бурда наметавонанд, худро оҷизу нотавон эҳсос мекунанд ва онҳоро рӯҳияи пассивӣ ва конформизм фаро гирифтааст. Аз ин вазъият баъзе аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида моҳирона истифода мебаранд. Аксарияти мусоҳибон (52,5%) ба ин назаранд, ки дар сурати баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон онҳо ҳуқуқу озодиҳои хешро ҳимоя карда метавонанд [99, с. 105-106].

Сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандонро вазъи ҳаёти иқтисодӣ, даромади иқтисодӣ, дараҷаи қонеъ гаштани талаботи иқтисодии шаҳрвандон муайян менамояд. Аз ин сабаб, шаҳрвандон вобаста ба ҷавобгӯ будани қонунҳо ба дараҷаи қонеъ гаштани талаботи иқтисодӣ ба сифати ҳуқуқ ва самаранокии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баҳо медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ низ нишон медиҳанд, ки муҳимтарин шароити иҷтимоӣ-иқтисодии рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон мавҷудияти имконияти бо роҳи қонунӣ қонеъ гардонидани талабот, манфиат, мақсад ва хоҳишҳои ҳаётии аъзоёни ҷомеа мебошад.

Ҳамин тариқ, волоияти қонун танҳо дар он ҳолат воқеӣ мегардад, ки агар сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ташаккул ёбад. Барои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ва боназардошти талаботи замона рушди шуур ва маданияти ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ мондани раванди *иҷтимоишавии ҳуқуқии* шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Зербоби дуюми боби панҷум – **«Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон»** – ба омӯзишу таҳқиқи раванди иҷтимоишавии ҳуқуқ, институтҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ, нақши оила, маориф ва

воситаҳои ахбори омма дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва омилҳои ташаккули иҷтимоишавии ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки барои ташаккули шуур ва маданияти ҳуқуқӣ иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ раванди аз ҷониби шахс омӯзиши донишҳо, меъёр ва арзишҳои ҳуқуқист, ки тавассути таълим, тарбия ва маърифати ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва дигар воситаҳои таъсиррасонӣ сурат мегирад. Тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ нахуст меъёр ва арзишҳои ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон расонида мешаванд, сипас онҳо ба бовариию эътиқоди ботинӣ табдил ёфта, боиси рафтори ҳуқуқии инсон мегарданд. Пеш аз он, ки шаҳрвандон рафторашонро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқ гардонанд, нахуст бояд онҳоро донанд, ҳуқуқ ба ҷузъи шуур ва тарзи ҳаёти онҳо табдил ёбад. Дар баробари маърифати ҳуқуқӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, ташвиқоту тарғибот, мушоҳидаи рафтори ҳуқуқии дигарон ва таҷрибаи ҳуқуқӣ низ дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ нақши бузург доранд.

Самти раванди иҷтимоишавии ҳуқуқии муътадили шахсро мушкилиҳои гуногуни ҳаётӣ (мисли зиндагии мустақилона, вафоти волидайн, бекорӣ, муҳоҷират, тағйир ёфтани вазъи сиёсию иқтисодии ҷомеа ва ғайра) тағйир дода метавонанд. Рафтори зиддиҳуқуқии шахс натиҷаи иҷтимоишавии номуваффақонаи ҳуқуқист, зеро аксарияти шаҳрвандоне, ки раванди иҷтимоишавии ҳуқуқиро ба таври муътадил нагузаштаанд, бо роҳҳои қонунӣ талаботи иҷтимоии худро қонеъ гардонида наметавонанд ва ба роҳҳои ғайриҳуқуқӣ рӯ меоранд. Хатаре ҳаст, ки маҳз чунин шахсон ба зери таъсири гурӯҳҳои ҷиноӣ ва экстремистӣ монда, даст ба ҷиноятҳои гуногун мезананд.

Иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс раванди мураккабу дурударозест, ки тавассути институтҳо (оила, маориф, воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва ғайра) ва агентҳои иҷтимоӣ (падару модар, хешовандон, дӯстону ҳамкорон, ҳуқуқшиносону муаллимон ва ғайра) амалӣ мегардад. Ҳар як институт вобаста ба таъиноти худ тарафҳои гуногуни иҷтимоишавии ҳуқуқиро ба амал мебарорад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки нақши институтҳои иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ахбори ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон гуногун буда, бо мурури замон дараҷаи таъсири онҳо тағйир меёбанд. Масалан, агар то охири асри XX сарчашмаи маълумоти ҳуқуқӣ воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ (телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо), адабиёти ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва муошират бо атрофиён бошанд, ҳоло интернет, сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо ва дигар воситаҳои иртиботӣ афзалият пайдо кардаанд.

Аз таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки мусоҳибон ахбороти барояшон зарурро асосан аз телевизион (махсусан, насли калонсол) – 68,8%, сомонаҳои интернетӣ (31,6%) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (18,9%) дастрас мекардаанд [17, с. 23-24]. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии МТС «Зеркало» барои ба даст овардани ахбори зарурӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои бамиёномадаи ҳуқуқӣ 39,5%-и мусоҳибон ба сарчашмаҳои расмии ахбор (ҳуқуқшиносон, адвокатҳо, мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ – ҷамоат) ва аксарияти мусоҳибон – 60,5% ба сарчашмаҳои ғайрирасмии ахбор (хешовандону дӯстон, мутахассисони шинос ва ғайра) муроҷиат мекардаанд [70, с. 94]. Боварии бештари мусоҳибон ба сарчашмаҳои ғайрирасмии ахбор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аҳолӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ ахбори кофӣ надоранд ё муносибаташон нисбат ба сарчашмаҳои расмӣ нигилистӣ аст.

Бо пешрафти технологияи иртиботӣ шаҳрвандон барои дастрасии ахбори ҳуқуқӣ бештар аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Дар сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ қариб тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зарурииро саривақт ва фавран дастрас намудан мумкин аст. Зери таъсири сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ тасаввуроти ҳуқуқии аҳолӣ шакл мегирад,

интернет ба институти нисбатан мустақили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ табдил ёфта, шахс ба сифати объект ва субъекти иҷтимоишавии ҳуқуқӣ баромад карда метавонад.

Таъсири номатлуби сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоиро ба шуур ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа ёдрас намудан лозим аст. Гурӯҳҳои экстремистӣ маҳз дар шабакаҳои иҷтимоӣ хело фаъоланд, ҷавононро бо роҳи ташвиқоту тарғибот ба амалҳои ифротгароию террористӣ таҳрик медиҳанд. Баъзе аз ҷавонон маҳз дар шабакаҳои иҷтимоӣ амалҳои ҷиноӣ, шаҳвонӣ ва дигар каҷрафториро меомӯзанд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон (22,2%) ба ин андешаанд, ки истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ сабабгори ҳамроҳшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои девиантӣ мегарданд [100, с. 70].

Масъалаи дигар дар самти иҷтимоишавии ҳуқуқӣ забони қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқист. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои аз тарафи аҳолӣ кам мутолиа шудани сарчашмаҳои ахбори ҳуқуқӣ мушкилфаҳм будани мазмуни онҳост. Албатта, забони қонунҳо забони махсус буда, аз истилоҳоти хоси ҳуқуқӣ таркиб ёфтааст, аммо ба моҳияту мазмуни онҳо бояд ҳамаи табақаҳои аҳолӣ сарфаҳм рафта тавонанд. Инчунин, барои танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёд мегарданд ва мушкилии омӯзишу донистани онҳо ба миён меояд, зеро мувофиқи моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад» [1, с. 21].

Дар иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани шуур ва маданияти шаҳрвандон нақши қишри бомаърифати ҷомеа ва ё табақаи зиёӣ бағоят бузург аст. Рисолати асосии зиёиён тарғиби қонунпазирӣ, эътироз ба рафторҳои ғайриқонунӣ, муқобил баромадан ба поймоли ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тарбияи ҳуқуқии насли ҷавон мебошад. Мутаассифона, ба аксарияти зиёиёни муосири тоҷик нигилизми ҳуқуқӣ хос аст. Вақти он расидааст, ки зиёиён ба саҳнаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷрои рисолатҳои худ бозгарданд, зеро ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва пешгирию бартараф намудани таҳдиду хатарҳои нави иҷтимоӣ ба неруи зеҳнии зиёиён ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, дар шароити эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, пеш аз ҳама, бояд иҷтимоишавии ҳуқуқии шаҳрвандон ба раванди мақсаднок, муташаккил ва танзимшаванда табдил ёбад. Рушди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин, эҳтиром гузоштан ба қонунҳо ва риояи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ натиҷаи иҷтимоишавии самараноки ҳуқуқист.

Дар зербоби сеюми боби панҷум – **«Ҳувияти ҳуқуқӣ ва нақши он дар ҳамгироии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** – мафҳуми «ҳувияти ҳуқуқӣ» ва таносуби он бо дигар намудҳои ҳувияти иҷтимоӣ, омилҳои ташаккули ҳувияти ҳуқуқӣ ва аҳаммияти он дар ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Ҳувият эҳсоси мансубияти шахс ба гурӯҳи иҷтимоӣ ва барқарорсозии робита ба гузаштаи худ буда, дар худшиносӣ ифода меёбад. Ба воситаи ҳувият шахс худро узви ягон гурӯҳи иҷтимоӣ эътироф намуда, амсилаҳои амалу рафтори худро муайян менамояд. Шахс якбора соҳиби ҳувиятҳои гуногун (ҳувияти шахсӣ, иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ, касбӣ, гендерӣ ва ғайра) мебошад. Мавҷудияти умумияти этникӣ ё миллат ба ҳувияти миллӣ вобастагӣ дорад, зеро он ҳамгироии намояндагони миллатро таъмин намуда, барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ сафарбар менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ шахс ба ҳувиятҳои мухталиф шинос мегардад ва ҳамзамон, бо сабабҳои муҳоҷрат, никоҳҳои байниэтникӣ ва таъсири технологияҳои иттилоотию иртиботӣ омехташавии ҳувиятҳо баръало ба мушоҳида мерасад. Дар чунин ҳолат ҳувияти миллӣ нақши муайянкунандаи худро аз даст дода, бухрони ҳувият ва низоъҳои фарҳангӣ авҷ мегиранд. Дар баъзе аз давлатҳо ҳувияти шаҳрвандӣ, ки ба мансубияти шаҳрвандии шахс ба давлат асос ёфтааст, бартарӣ дорад ва муносибатҳои байни халқу миллатҳоро ба танзим медарорад. Вазъи муносибатҳои байниэтникии ин давлатҳо собит менамоянд, ки ҳувияти шаҳрвандӣ

низ низоҳои этникӣ ва фарҳангиро бартараф карда наметавонад. Дар вазъияти баамаломада ҳувияте лозим аст, ки ҳувиятҳои мухталифро бо ҳам оварда, муттаҳид намояд ва ба сифати чунин ҳувият – ҳувияти ҳуқуқӣ баромад карда метавонад.

Як унсури муҳимми маданияти миллӣ ҳувияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки хотира ва арзишҳои ҳуқуқии миллатро ифода намуда, дар амалу рафтори ҳуқуқӣ ҳувайдо мегардад. Ҳувияти ҳуқуқӣ тааллуқ доштани шахс ба ин ё он умумияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва бо ин восита соҳиб шудан ба ҳуқуқу уҳдадориҳо ва дигар сифатҳои муайяни ҳуқуқист. Ҳувияти ҳуқуқӣ бо ҳувияти шаҳрвандӣ алоқамандии зич дорад, зеро унсурҳои он нисбат ба шаҳрвандони давлати мушаххас паҳн мегардад. Тавассути ҳувияти ҳуқуқӣ низоъҳои нақшӣ бартараф мегарданд ва он ҳамчун нуқтаи пайвастнамоии ҳувиятҳои дигари иҷтимоӣ баромад менамояд. Бартарияти ҳувияти ҳуқуқӣ нисбат ба дигар шаклҳои ҳувият дар он аст, ки мазмуну моҳияти онро меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ муайян мекунанд ва нисбатан устувор мебошад, ба пайдоишу мустаҳкамшавии он маҳз иҷтимоишавии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Субъекти ҳувияти ҳуқуқӣ шахсони фаъоли соҳиби шуури ҳуқуқии рушдёфта мебошанд, зеро маҳз субъектони фаъол моҳият, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқро дарк мекунанд. Шахсоне, ки ҳувияти баланди ҳуқуқӣ дорад, дар робитаю муносибатҳои иҷтимоӣ худро нисбатан озод, бехатар ва бомасъулият эҳсос менамоянд, ба худмуайянкунии ҳуқуқӣ расиданд. Ҳувияти ҳуқуқӣ он вақт афзалият пайдо кард, ки шаҳрвандони давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба кишварҳои мутараққӣ рӯ оварданд ва масъалаи мутобиқшавии онҳо ба фазои нави ҳуқуқӣ ба миён омад.

Дар ҷаҳони муосир масъалаҳои мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, аз ҷумла муҳоҷирони тоҷик нигаронкунанда аст. Шахсони муҳоҷир аз сабаби номуайян будани мақомии ҳуқуқӣ, маҳдуд будани имконияти шуғлмандӣ ва мушкилоти мутобиқшавӣ дар муҳити бегона ба вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор мегарданд. Аҳолии таҳҷоӣ бо сабабҳои фарқияти забонӣ, миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, тақсим накардани захираҳои иҷтимоӣ, ҷойи кор, нигоҳдошти «тозагӣ»-и ҳувияти миллии худ муҳоҷиронро қабул кардан намехоҳанд. Аз ин рӯ, масъалаи мутобиқшавии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатиро ҳувияти ҳуқуқӣ ҳал карда метавонад. Масалан, имрӯз аксарияти муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон талош доранд, ки дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, махсусан, Россия мақоми шаҳрвандиро соҳиб шаванд ва бо ин восита масъалаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияташонро бартараф намоянд.

Ҳамин тариқ, ҳувияти ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки шахс ҳам ба низоми алоқаҳои иҷтимоӣ мутобиқ гардад ва ҳам нисбат ба дигарон озодӣ, мустақилият, уҳдадориҳо ва масъулиятро эҳсос намояд. Ҳувияти ҳуқуқӣ намояндагони дигар ҳувиятҳо (этникӣ, динӣ, шаҳрвандӣ, сиёсӣ, гендерӣ ва ғайра)-ро бо ҳам муттаҳид менамояд, ҳамчун як нуқтаи ҳамгироии ҳувиятҳои мухталиф баромад менамояд.

## ХУЛОСА

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ масъалаҳои асосии ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои он ба тариқи зайл пешниҳод мешаванд:

1. Дар илми сотсиология ва равишҳои сотсиологӣ ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳқиқ гардида, асосан ба вазифаҳои иҷтимоии он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Равиши сотсиологии омӯзиши ҳуқуқ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки Тоҷикистон роҳи эъмори ҷомеаи соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва шаҳрвандиро пеш гирифтааст ва барои расидан ба ин ҳадафи стратегӣ институти иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат менамояд. Инчунин, ҳуқуқ падидаи иҷтимоист, ки дар ҳамбастагӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, таҳқиқи фазои ҳуқуқии ҷомеа барои шарҳу таъбири ҳодисаҳои ҳуқуқӣ кумак мерасонад [10-М].
2. Ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ҳанӯз аз давраҳои қадим таваҷҷуҳи равшанфикрон, файласуфон ва намояндагони мактабҳои илмӣ-фалсафиро ҷалб намудааст. Сарчашмаи хаттии таърихии андешаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии мардуми ориённажод

китоби «Авесто» мебошад, ки барои ташаккули таълимоти ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқии давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ хизмат кардааст. Таҳаввулоти минбаъдаи таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ба фаъолияти донишмандон, файласуфон ва ҳуқуқшиносони Рими Қадим, Юнони Қадим, Эрони Қадим, мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, Давраҳои Эҳё ва Нав, фалсафаи классикии Олмон, фалсафаи марксизм ва давраи шуравӣ марбутанд. Дар таълимоти мухталифи иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳамаи онҳо як умумият ба назар мерасад: ҳуқуқ падидаи иҷтимоӣ буда, муносибати байни одамонро ба танзим ва ба ин восита, мавҷудияти ҷомеаи инсониро ҳифз менамояд [5-М], [6-М].

3. Дар асоси таҳлили назария, таълимот ва дидгоҳҳои гуногуни донишмандон ва мактабу равияҳои илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқ, пеш аз ҳама, институти иҷтимоӣ ва як намуди меъёри иҷтимоист. Ҳуқуқ ирода ва манфиати гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи иҷтимоиро ифода, раванди қонеъи талаботи иҷтимоии одамонро танзим менамояд. Фарқи асосии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки давлат ба манфиати шаҳрвандон меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, раванди риоя ва татбиқи онҳоро зери назорат мегирад. Ҳуқуқ низоми меъёрҳои махсусест, ки аз тарафи давлат муқаррар, тасдиқ ва ҳифз мешавад, қувваи махсуси давлатии таъсиру маҷбурсозӣ дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Таъмини ҳамзистии осоиштаи аҳолӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ мақсади ниҳоии ҳуқуқ мебошад [8-М]; [10-М].

4. Аввалин сотсиологҳои классик, мисли О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, М. Вебер ва дигарон дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми назаррас гузоштаанд. Аз назари О. Конт ҳуқуқ ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоии ҷомеа барои нигоҳдошти ҳамоҳангии иҷтимоӣ муҳим аст, аммо дар марҳилаи рушди позитивии ҷомеа ҷойи онро уҳдадориҳо мегиранд. Г. Спенсер ҳуқуқро воситаи таҳаввулоти ҷомеа ва нигоҳдошти тавозуни иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Э. Дюркгейм меъёрҳои ҳуқуқиро дар шароити тағйироти куллии ҷомеа ва давраи гузариши ҷомеа тавассути назарияи аномия шарҳ додааст. Дар рушди сотсиологияи ҳуқуқ саҳми ҷомеашиносони асрҳои XIX-XX-и Россия С.А. Муромсев, Б.А. Кистяковский, Л.И. Петражиский, П.А. Сорокин ва дигарон хеле назаррас аст. П. Сорокин ҳуқуқро ба сифати механизми тавонои тағйироти иҷтимоӣ ва танзими равандҳои иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Омӯзиши ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ дар равиши функсионализми сохторӣ ва назарияи низоъ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Т. Парсонс ҳуқуқро воситаи неруманди назорати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, нигоҳдошти устувории низоми иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Умуман, дар таълимоти иҷтимоӣ-ҳуқуқии сотсиологҳои классик ва равишҳои муосири сотсиологӣ институти ҳуқуқ бо назардошти вазифаҳои иҷтимоии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [1-М]; [10-М].

5. Ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он дар шароити давраи гузариши ҷомеа хусусияти худро дорад. Давраи гузариши ҷомеа ҳолати бӯҳрониест, ки бо сабаби зуд тағйири сохтори ҷамъиятӣ ба миён меояд, дар натиҷа меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ амал намекунанд, ҷомеаро аномия фаро мегирад. Чунин марҳилаҳои гузариши ҳуқуқӣ дар таърихи халқи тоҷик борҳо рӯй додаанд, мисли низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи шуравӣ, низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Давраи гузариши низоми ҳуқуқи шуравӣ ба низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол бӯҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, бекорӣ ва камбизоатии сартосариро ба вуҷуд овард. Ба андешаи ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ дар Тоҷикистон давраи гузариши ҳуқуқ аллакай дар зинаи анҷомёбист [9-М]; [13-М]; [23-М].

6. Моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он таҷассум ёфта, нақш ва аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ, доираи таъсири ҳуқуқ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро ифода менамоянд. Ҳуқуқ дар ҷомеи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ вазифаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, назорати иҷтимоӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ ва ғайраро ба анҷом

мерасонад. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои қонеъи талаботи иҷтимоии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Иҷрои муътадили вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ барои ташкили зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандон мусоидат менамояд [2-М]; [8-М]; [36-М].

7. Муҳимтарин вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ танзими муносибатҳои иҷтимоист. Дар ҷомеаи ибтидоӣ муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ танзим мегардиданд, аммо бо пайдоиши моликияти хусусӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми танзимгарони ҷамъиятӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ бартарӣ пайдо намуданд. Бартарии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз тарафи давлат муқаррар мешаванд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (муносибатҳои иҷтимоии уфуқӣ ва амудӣ)-ро танзим карда метавонанд. Бо пешрафти ҷомеа меъёрҳои ҳуқуқӣ доираи муносибатҳои ахлоқӣ ва диниро низ фаро мегиранд. Ҳуқуқ тавассути қонунҳое, ки воқеан манфиату талабот ва арзишҳои ҳаётии одамонро таҷассум мекунанд, муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд [8-М], [10-М]; [36-М].

8. Ба вазифаи иҷтимоии ҳуқуқ ҷойивазкунии иҷтимоӣ низ дохил мешавад. То асри XX бо сабаби пӯшида будани низоми табақабандии иҷтимоӣ ва ҳуқуқи табақавӣ ҷойивазнамоии иҷтимоии амудии аксарияти аҳолӣ хеле мушкил буд. Ба шарофати соҳиби ҳуқуқу озодиҳо шудани намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ низоми табақабандии иҷтимоӣ кушода гардида, аксарияти шаҳрвандон имконият ёфтанд, ки қобилияту истеъдоди хешро дар амал татбиқ, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро тағйир диҳанд. Имрӯз ҳуқуқ то дараҷае ба ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон имконияти якхелаю баробари худмуайяннамоии шахсӣ ва касбиро фароҳам овардааст ва воситаҳои ҷойивазкунии амудӣ ба ҳамаи намояндагони табақаҳои иҷтимоӣ дастрас ҳастанд. Дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон низоми табақабандии иҷтимоӣ кушода буда, ҳар як шаҳрванд имконият дорад, ки аз восита ва роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ (масалан, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба интихоби касб ва ғайра) истифода барад [8-М]; [31-М]; [36-М].

9. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати ҷомеа мутобиқати низоми ҳуқуқии миллӣ ба низоми ҳуқуқи байналхалқӣ, инъикоси талаботи нави иҷтимоӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳувият ва фарҳанги миллӣ ба зарурати афзалиятнок табдил меёбад. Азнавсозии ҳуқуқ раванди таҷассуми дастовардҳо ва таҷрибаи пешқадами ҳуқуқии ҷаҳонӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва такмили низоми ҳуқуқии ҷомеа вобаста ба талаботи нави иҷтимоист. Баъдан, ҳуқуқ воситаи азнавсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амал менамояд. Тамоми тағйироти иҷтимоӣ аз тағйири меъёрҳои ҳуқуқӣ оғоз мегардад, агар ҳуқуқ саривақт муносибат ва талаботи нави иҷтимоиро инъикос карда натавонад, ба рушди устувори ҷомеа монеа мешавад. Аз ин рӯ, азнавсозии ҳуқуқ як падидаи муҳимми ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди устувори ҷамъият замина мегузорад [1-М]; [14-М]; [36-М].

10. Ҳуқуқ ва синфи миёна ду зуҳуроти иҷтимоиеанд, ки бо ҳамдигар ҳамбастагии қавӣ доранд. Иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ ба афзудани намояндагони синфи миёна оварда мерасонад ва ташаккули синфи миёна барои амали самараноки ҳуқуқ мусоидат менамояд. Дар натиҷаи рушди синфи миёна сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон боло меравад, аксарияти аҳолӣ қонунпазир мегардад, сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқпоймолнамоӣ коҳиш меёбад. Намояндагони синфи миёна манфиатҳои қонунии худро ҳифз карда метавонанд, барои ноил шудан ба пешрафти шахсию касбӣ фаъолона аз ҳуқуқу озодиҳои хеш ва роҳҳои тамаддунӣ (таҳсилот, меҳнати шабонарӯзӣ ва ғайра) истифода мебаранд. Хушбахтона, синфи миёна дар Тоҷикистон ботадриҷ рушд менамояд ва барои устувор гардидан ба дастгирии давлатӣ (иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) ниёз дорад, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ гардидааст [19-М]; [25-М], [26-М].

11. Бунёди ҷомеи шаҳрвандӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар идораи давлатӣ ва

ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъмин менамояд. Моҳияти иҷтимоии ҳуқуқ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрвандон бо истифода аз ҳуқуқу озодиҳои хеш ба субъекти фаъолу мустақил ва ташаббускор табдил меёбанд, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо мешаванд. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ шаҳрвандон тавассути ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятии созмондодаи хеш манфиату талаботашонро қонеъ гардонида, некуаҳволияшонро бо неруи худ таъмин кардан мехоҳанд, манфиати шахсӣ бо воситаи манфиатҳои гурӯҳию ҷамъиятӣ зоҳир мегарданд. Имрӯз дар Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, озодии фаъолияти иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи ташкили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра ташаккул меёбанд [16-М]; [24-М], [30-М]; [40-М]; [42-М].

12. Яке аз падидаҳои иҷтимоие, ки дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон зоҳир мегардад, нигилизми ҳуқуқист. Нигилизми ҳуқуқӣ коҳиши арзиши иҷтимоии ҳуқуқ, инкори меъёрҳои ҳуқуқӣ, нобоварӣ ба волоияти ҳуқуқ ва қонунро ифода менамояд. Агар қонунҳо дар ҷамъият пурра ё қисман амал накунанд, талаботи қонун аз тарафи шаҳрвандон ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ риоя ва иҷро нагарданд, нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Нигилизми ҳуқуқӣ ба сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мувофиқат накардани онҳо ба талаботу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон низ вобастагӣ дошта метавонад. Дар Тоҷикистон нигилизми ҳуқуқӣ дар байни баъзе аз намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва зиёиён низ паҳн шудааст. Бо сабаби нигилизми ҳуқуқӣ баъзе шаҳрвандон барои ҳалли мушкилоти худ аз механизмҳои ғайриҳуқуқӣ истифода мебаранд [3-М]; [20-М], [22-М].

13. Нигилизми ҳуқуқӣ оқибатҳои номатлуби иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, аз ҷумла ба раванди иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ халал мерасонад, ба амнияти миллӣ таҳдид менамояд, боиси густариши рафтори ғайриқонунӣ мегардад, ба раванди иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонад, ба ҷойивазкунии иҷтимоии шаҳрвандон монеа мегардад. Коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ ба татбиқи маҷмуи чорабиниҳои махсуси давлатие вобастагӣ дорад, ки барои бартарафсозии омилҳои объективию субъективии пайдоиш ва интишори он равона шудаанд. Волоияти ҳуқуқ, қонуният, баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ қадамҳои муҳимме мебошанд, ки барои паст намудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонанд [18-М]; [22-М].

14. Баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон барои бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ ва эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ хеле зарур аст. Маҳз паст будани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқӣ боис мегардад, ки шаҳрвандон дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа фаъолона ширкат намекунанд ва ҳангоми дучор шудан ба мушкилоти ҳаётӣ қарорҳои нодуруст мебароранд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ собит месозад, ки сабаби асосии қонуншиканӣ ва ё ба гурӯҳҳои экстримистию террористӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз шаҳрвандон паст будани сатҳи донишҳои ҳуқуқии онҳост. Донишҳои зарурии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои хешро татбиқ ва ҳифз намоянд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолу неруманд бошанд [15-М], [21-М].

15. Омили дигари коҳиши каҷрафтории иҷтимоӣ ва ташаккули сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон дуруст ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии ҳуқуқист. Тавассути иҷтимоишавии ҳуқуқӣ шаҳрвандон меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеаро аз бар намуда, ба фазои ҳуқуқии ҷомеа ворид мешаванд. Иҷтимоишавии ҳуқуқӣ асосан тавассути маърифати ҳуқуқӣ сурат мегирад. Шаҳрвандоне, ки раванди муътадили иҷтимоишавии ҳуқуқиро гузаштаанд, шуур ва маданияти кофии ҳуқуқиро соҳибанд, талаботи иҷтимоии худро бо роҳҳои қонунӣ қонеъ гардонида, рафтори қонунпазирро ихтиёр менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки бо пешрафти технологияи иттилоотию иртиботӣ интернет ба институти

мустақили иҷтимоишавии ҳуқуқӣ табдил меёбад. Махсусан, зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо тасаввуроти аҳолӣ дар бораи ҳуқуқ ва ҳодисаҳои ҳуқуқии ҷомеа шакл мегирад [4-М]; [11-М]; [38-М].

16. Ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ бояд бо назардошти манфиатҳои миллӣ, ҳувият ва таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ сурат гирад. Ҳувияти ҳуқуқӣ мансубияти шахс ба умумияти мушаххаси ҳуқуқӣ ва соҳиб шудан ба ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошад. Бо шарофати ҳувияти ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқӣ ва таърихии миллат ҳифз гардида, қонунҳои миллӣ таҳия мегарданд ва муносибатҳои одамон ҳангоми иҷрои ҷашну маросимҳо танзим мешаванд. Дар ҷаҳони муосир тавассути ҳувияти ҳуқуқӣ бухрони ҳувият, нигилизми ҳуқуқӣ, масъалаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти муҳоҷирони меҳнатиро ҳал кардан мумкин аст. Ҳувияти ҳуқуқӣ ҳамчун як меҳвари ҳамгироӣ намояндагони ҳувиятҳои гуногунро муттаҳид карда метавонад [14-М]; [27-М]; [32-М]; [37-М].

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Баланд бардоштани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ба беҳтар гардонидани сатҳи сифати таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ҳамбастагии қавӣ дорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таълими фанҳои ҳуқуқӣ, мисли «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва «Ҳуқуқи инсон» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кишварамон мутахассисони соҳавӣ (хатмкардагони тахассуси «ҳуқуқшинос»)-ро ҷалб намояд ва барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълими ин фанҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ таълими фанҳои «Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар синфҳои 7-11) аз манфиат холӣ нестанд. Кушодани сомонаҳои миллӣ-ҳуқуқӣ ва ҷой додани ахбори ҳуқуқии ройгон бо забони тоҷикӣ, инчунин, дар сомонаҳои расмӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саривақт пешниҳоди ахбори зарурӣ барои баланд бардоштани дараҷаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ кумак мерасонанд. Ҷалби ҳуқуқшиносон, зиёиён, шаҳрвандони фаъолу ташаббускор ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои тақвияти раванди иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

2. Тавассути ВАО, сомонаҳои интернетӣ, блогҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ интишори маводи таълимию тарбиявӣ ва тарғиботу шарҳдиҳӣ дар бораи ҳуқуқ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ (тавассути барномаҳои телевизионӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ, мурофиаҳои судӣ дар телевизион, машваратҳои ҳуқуқии низоми онлайн ва амсоли ин) мувофиқи мақсад мебошад. Шиорҳои ҳуқуқӣ, бандҳои муҳимми қонунҳо ва дигар ахбори ҳуқуқӣ тавассути овезаҳо ва тахтаҳои рекламавӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (мағозаю бозорҳо, боғҳо, дохили нақлиёти ҷамъиятӣ, истгоҳҳо, масҷиду мактабҳо, кӯчаю гулгаштҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) ҷой дода шаванд. Таҳия ва нашри воситаҳои айёнии ҳуқуқӣ, интишори варақаҳои ахбори ҳуқуқидошта, нашри рӯзномаю маҷаллаҳои инъикоскунандаи паёмҳои ҳуқуқӣ ва ҳодисаҳои ҳуқуқии ҷомеа хело заруранд. Ташкили марказҳои машварату маслиҳати ҳуқуқии ройгон, пешниҳоди машварати ҳуқуқӣ тавассути алоқаи мобилӣ, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ тадбирҳои муҳимтарин ҷиҳати кумаки ҳуқуқӣ ба аҳолӣ мебошанд.

3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои нави иҷтимоӣ, махсусан, муносибатҳои дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, интернет, блогерӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва тиҷорати интернетӣ пайдошударо фавран танзим намоянд ва пеш аз ҳама, манфиату талаботи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистонро таҷассум карда тавонанд. Мазмуни қонунҳои амалкунанда бо забони содаю одии ба мардум фаҳмо шарҳ дода шаванд. Пеш аз қабули қонунҳо гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ва ба инобат гирифтани афкорӣ омма аз манфиат холӣ нест. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамгироии низоми ҳуқуқии миллӣ бо байналхалқӣ бо назардошти манфиати миллӣ, фарҳанги миллӣ, таҷрибаи ҳуқуқии миллӣ, афкори ҳуқуқии ниёгон ва ҳувияти ҳуқуқӣ

сурат гирад. Агар шаҳрвандон қонунпазир гарданд, нисбат ба ҳуқуқ ва қонунҳои амалкунанда эҳтиром дошта бошанд, барои риоя ва иҷрои талаботи қонун истифодаи усулҳои маҷбурсозӣ лозим намешавад.

4. Барои коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мақомоти назоратии кишварамон фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зери назорат қарор диҳанд ва баҳогузорӣ намоянд. Қонуният, волоияти ҳуқуқ, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз ҷинс, баромади иҷтимоӣ, вазъи иқтисодӣ, мақоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар назди қонун омилҳои неруманди коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ мебошанд. Барои баланд бардоштани мақоми иҷтимоии намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан, мақомоти милитсия тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Фаъолияти шаффофи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёну мансабдорони давлатӣ барои шаҳрвандони одӣ намунаи ибрат мебошад. Ҳамон кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар ошкор сохтани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва дигар самтҳои фаъолияти худ корнамоиҳо менамоянд, ба ҷомеа муаррифӣ шаванд, шаҳрвандон бояд қаҳрамонони худро шиносанд ва қадрдонӣ намоянд.

5. Барои коҳиши сатҳи коррупсия ба сафи мақомоти ҳокимияти давлатии мубориза ба муқобили коррупсия кормандони босаводу бовиҷдон, кордону ватандӯст ва масъулиятшинос ҷалб шаванд. Дар ин самт ҳамкории давлат бо шаҳрвандон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ хело муфид аст. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мавзеъҳои қабули шаҳрвандон камераҳои мушоҳидавӣ насб шаванд. Намояндагони ВАО дар бораи амалҳои коррупсионии собитшуда саривақт барномаҳо таҳия намуда, пешкаши ҷомеа гардонанд. Тақвияти раванди гузариш ба «ҳукумати электронӣ» истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои муқовимат ба коррупсия самараи дилхоҳ дода метавонанд.

